# Боҷу хироҷ

Пардохти андоз - баҳои тамаддуниятнокии ҷомеа

№13 (1162)

Панҷшанбе, 28 марти соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## Тартиби пешниҳоди электронии ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирӣ




Мақсад аз тариқи электронӣ ба роҳ мондани қабули ҳуҷҷатҳо ҷиҳати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ коҳиш додани хароҷоти субъектҳои хоҷагидор аст



КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Номутобиқатӣ дар ҳисобот

Муоинаи хронометражӣ - шакли назорати андоз

с. 7

ПРЕЗИДЕНТ



### Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тантанаҳои наврӯзӣ

с.2-4

ИСЛОҲОТ

### Вазъи бақайдгирӣ ва ҷамъоварии андози ягона

Ҳадафи тақдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ - ҳарчи бештар соҳиби замин ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ

с. 5

АМАЛИЁТИ ГУРУҲИ КОРӢ

### Ошкор шудани коргарони кироя бекайд

Дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз

с. 6

ТАҲЛИЛ

### Қарзи андоз дар корхонаҳои беҳдошти замин

Вазъи бақияи қарзи андоз дар корхонаҳои Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

с. 8

ҚОНУН ВА АНДОЗ

### Риояи талаботи баҳисобгирӣ

Ташкили пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати риояи қонунгузорӣ

с. 9

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими «Корвони наврӯзӣ» дар шаҳри Душанбе



**Ҳамватанони азиз!**

Ин лаҳзаҳо, ки ҷашни бузурги миллиамон – Наврӯзи ҷаҳонӣ фаро расидааст, тамоми сокинону меҳмонони пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол — шаҳри Душанберо самимона табрик мегӯям.

Боиси сарфарозии ҳар яки мост, ки дар шаҳри Душанбе – пойтахти зебои давлати Тоҷикистон ва хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон таҷлили Наврӯзи бостонӣ сол ба сол шукуҳу шаҳомати хосса пайдо мекунад, ки маросими баргузории яке аз падидаҳои нодири фарҳанги Наврӯз, яъне «Корвони наврӯзӣ» намунаи он мебошад.

Тибқи маълумоти таърихӣ гузаштагони мо дар яке аз рӯзҳои таҷлили ҷашни Наврӯз бо номи “Корвони наврӯзӣ” маросими муҳташаме ороста, бо ҳамдигар шодмониву хурсандӣ мекарданд, то ки тамоми сол ба кишвар хуррамиву хушрӯзӣ ва ба хонадони мардум бахту иқбол ҳамроҳ бошад.

Тавaҷҷуҳ ба ҳикмату муҳтавои ин суннати наврӯзӣ як ҷанбаи хеле муҳимми он, яъне ойини пурра мардумӣ будани онро бори дигар собит месозад ва дар умум, Наврӯзро ҳамчун ҷашни хайру эҳсон, накӯкориву инсонпарварӣ ва созандагиву ободгарӣ муаррифӣ менамояд.

Ба маънии дигар, дар рӯзи таҷлили ин ҷашн одамони зиёд пиёдаву савора маҳаллаву гузарҳои шаҳрҳоро сайр мекарданд ва ба мардум аз омадани Наврӯз хушхабар мерасониданд.

Ҳамчунин, дар ин рӯз сарватмандон ва хайрхоҳону саховатпешагон ба корвони наврӯзӣ ҳамроҳ шуда, талош мекарданд, ки бо истифода аз фурсати муносиб ба ниёзмандону эҳтиёҷмандон хайру эҳсон намоянд.

Канори ҳамдигар омадани мардум ва дастаҷамъона амалӣ намудани чунин иқдомоти нек боис мегардад, ки одамон бо иҷрои амалҳои хайр ба ҳамдигар кумак расонанд ва дар ин асос эҳсоси дӯстиву рафоқат ва ваҳдату якдигарфаҳмӣ миёни мардум тақвият пайдо намояд.

Корвони наврӯзӣ, ки имрӯз дар пойтахти кишвари азизамон — шаҳри Душанбе баргузор мешавад, беҳтарин суннатҳои Наврӯзи ниёгонамонро таҷассум намуда, суннату ойинҳои қадимаро бо қабои идона ва ба сурати нав, яъне мутобиқ ба падидаҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дигарбора эҳё гардонидааст.

Бо шакли нав ва мазмуну муҳтавои тоза доир намудани “Корвони наврӯзӣ” дар майдони марказӣ ва зебои пойтахтамон ба мардум шодиву нишоти нав мебахшад, ки сарчашмаи асосии он сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ мебошад.

Мақоми байналмилалиро касб кардани Наврӯз имкон фароҳам овард, ки мардуми олам аз фалсафаи эҳёгариву созандагӣ ва башардӯстонаи ин ҷашни бисёр қадима ҳарчи бештар огоҳ гарданд, зеро Наврӯз танҳо марбут ба қаламрави зуҳури он набуда, балки суннату анъанаҳои неки он метавонанд ҳамчун василаи ҳамзистии осоиштаи тамоми инсоният хизмат намоянд.

**Ҳамватанони азиз!**

Рӯҳияи баланди мардуми пойтахт, дастгирии самимонаи ташаббусҳои роҳбарияти давлат ва Ҳукумати мамлакат аз ҷониби онҳо далели равшани он аст, ки сокинони шарафманди шаҳри Душанбе дар баробари дигар ҳамватанони азизи мо бо орзуи он ки Наврӯзи имсола ба пешвози арзандаи ҷашни 28 — солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон саодату комронӣ ва дастовардҳои бузургро ба армуғон оварад, ин ҷашни мубораки миллиро бо шукуҳу самимият ва ташаббусҳои созанда истиқбол мегиранд.

Таҷлили бошукуҳу дастаҷамъонаи Наврӯз ҳамаи моро ба он ҳидоят месозад, ки ба хотири боз ҳам ободу зебо гардонидани ҳар як гӯшаи Ватани муқаддасамон, аз лиҳози иқтисодӣ нерӯманду пешрафта гардонидани давлати соҳибистиқлоламон ва аз имрӯза беҳтар намудани зиндагии мардуми шарифи кишварамон ҳарчи бештар заҳмат кашем ва ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем.

Бо ибрози ниятҳои нек барои амалӣ гардидани тамоми нақшаҳои ободгаронаи мардуми Тоҷикистон бори дигар сокинони сарбаланди шаҳри Душанберо ба ифтихори ҷашни Наврӯзи бостонӣ, яъне соли нави миллиамон самимона табрик гуфта, ба хонадони ҳар яки шумо бахту саодат, хайру баракат ва ба Тоҷикистони маҳбубамон сулҳу субот, ваҳдати миллии ҷовидона ва дастовардҳои бузург орзумандам.

**Наврӯзатон муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати таҷлили ҷашни Наврӯз дар шаҳри Душанбе

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам сокинони шаҳри Душанбе!**

Имрӯзҳо мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла сокинони пойтахти кишвари азизамон – шаҳри Душанбе бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи комил, ойини бостонии милливу мардумӣ ва соли нави аҷдодиамон — Наврӯзи оламафрӯзро бо хурсандиву хушҳолии зиёд таҷлил менамоянд.

Бо истифода аз фурсат, бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинону меҳмонони пойтахт ва ҳамаи шумо — ҳозирини тантанаҳои имрӯзаро ба ифтихори Наврӯзи фархундапай, ки дар Наврӯзгоҳи зебои шаҳри Душанбе баргузор мегардад, самимона табрик мегӯям.

Таърихи ҷашни Наврӯз, ки аз қаъри ҳазорсолаҳо сарчашма мегирад, бо сарнавишти пурпечутоб, вале пурифтихору ибратомӯзи халқи тоҷик робитаи ногусастанӣ дорад.

Мардуми фарҳангсолори мо ин ҷашни бостониро аз гузаштагони худ ба мерос гирифта, онро дар суннату анъанаҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва адабиёти хаттиву шифоҳӣ бисёр васеъ ва ба таври шоиста инъикос кардаанд.

Наврӯз, пеш аз ҳама, ҷашни мардумӣ ва як ҷузъи зиндагиву ҷаҳонбинии халқи мо ба ҳисоб меравад.

Ҳоло хурду бузурги кишварамон ба Наврӯз ва суннату ойинҳои он арҷ мегузоранд, барои дар сатҳи баланд доир намудани он омодагӣ мегиранд ва ин суннати деринаро бо шодмониву нишоти хосса таҷлил мекунанд.

Мутафаккири бузурги халқамон Абӯрайҳони Берунӣ Наврӯзро “пешонаи сол” ҳисобида, ин ойини мардумиро оғози эҳёи табиат ва омили баракати заҳмати деҳқон ва фаровонии хони мардум медонад.

Воқеан, Наврӯз на танҳо оғози кори марди деҳқон, балки шурӯъ гардидани ҳама гуна ташаббусҳои созанда ба хотири боз ҳам ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ, тозаву озода намудани манзили зист, сарсабзу гулпӯш кардани хиёбону майдонҳо дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла пойтахти он мебошад.

Қомат афрохтани даҳҳо иншооти иҷтимоӣ, аз қабили мактабу кӯдакистонҳо, муассисаҳои тиббӣ, толору майдонҳои варзиш, инчунин, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ низ, ки натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми диёрамон мебошад, нишонаи возеҳи ободӣ, рушд ва торафт беҳтар шудани шароити зиндагии ҳамватанонамон, аз ҷумла сокинони пойтахти азизамон ба ҳисоб меравад.

Бовар дорам, ки дар оянда низ чунин амалҳои созанда вусъати бештар касб мекунанд ва то 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон шаҳри Душанбе тавассути бунёди садҳо иншооти нав боз ҳам обод гардида, дар он барои сокинон ва сайёҳону меҳмонони пойтахт шароити муосири зиндагӣ ва истироҳату фароғат фароҳам оварда мешавад.

Мо солҳои 2019-2021-ро Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардем. Итминон дорам, ки соҳибкорону тоҷирони ҳимматбаланд, роҳбарони ширкатҳои сайёҳӣ ва ҳунармандони мо дар пойтахт ибтикороти нави созандаро амалӣ месозанд. Айни замон дар кишвари азизамон татбиқи ҳадафи чаҳоруми миллӣ- саноатикунонии мамлакат оғоз шудааст.

Эътимоди комил дорам, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе якҷо бо соҳибкорони ватандӯст ҷиҳати бунёди корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ тадбирҳои зарурӣ андешида, бо ҳамин роҳ барои бо шуғли доимӣ таъмин намудани сокинон, бахусус, ҷавонони шаҳр шароити мусоид фароҳам меоранд.

Бо умеди он ки Наврӯзи имсола боиси фатҳу кушоишҳои нав барои ҳамватанони азизи мо хоҳад гардид, бори дигар ҳамаи мардуми шарифи Тоҷикистон, сокинони пойтахт ва шумо — ҳозирини гиромиро ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустӣ, комёбӣ, бахту саодат ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

**Наврӯз муборак бошад!**

# Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар барномаи фарҳангии «Корвони наврӯзӣ»-и шаҳри Норак

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 март дар назди меҳмонони ҷашнвораи Наврӯзи байналмилалӣ ва роҳбарону фаъолони шаҳри Норак, ки дар базмгоҳи наврӯзӣ ба ифтихори таҷлили иди баҳору зебоӣ ҷамъ омада буданд, суханронӣ карданд.**

Нахуст Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозирин ва дар шахси онҳо тамоми сокинони вилоятро бо фарорасии баҳори фархундапай ва Наврӯзи ҷаҳонӣ табрику таҳният намуданд.

Президенти мамлакат, аз ҷумла, бо қаноатмандӣ таъкид карданд, ки ба истиқболи 30 — солагии Истиқлолияти давлатӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои мамлакат раванди созандагиву бунёдкорӣ вусъати тоза гирифта, мардуми худогоҳу худшиноси мо, аз ҷумла сокинони шаҳри Норак ба хотири ободии Ватан ва пешрафту тараққиёти он беш аз ҳар вақти дигар заҳмат кашидаанд.

Дар охири суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи ҳозиринро бо ҷашнҳои бузурги умумимиллӣ ва вусъати корҳои ободонӣ табрику таҳният гуфта, ба сокинони шаҳри Норак барои ҷонибдории сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати кишвар ва идомаи корҳои созандагӣ изҳори сипосу қадрдонӣ намуданд.

Маросими тантанавии ҷашни Наврӯзи байналмилалиро барномаи бошукуҳи театрикунонидашудаи "Корвони наврӯзӣ" идома дод.

Тибқи иттилои дастандаркорони ин чорабинии муҳташами фарҳангӣ, дар ин тадбири хотирмони ҷашнӣ беш аз 10 ҳазор нафар ҷалб гардидаанд. Дар барномаи зикршудаи фарҳангӣ-оммавӣ анъанаву русуми аҷдодии бошандагони гӯшаву канори Тоҷикистони азиз ва суннатҳои марбут ба қавму миллатҳои ҷашнгирандаи ҳавзаи Наврӯз таҷассуми худро пайдо кард, ки басо дилписанд ва хотирмон буд.

Таҳиягарони барномаи идонаи наврӯзӣ маҳалли баргузории тадбири фарҳангиро бо рамзҳои хоси ҷашн, расму анъана ва суннатҳои наврӯзӣ оро доданд. Барномаи фарҳангии "Корвони Наврӯзӣ" бо садои карнаю сурнай оғоз гардид.

Аз рафти чорабинӣ маълум гардид, ки таҳиягарон бо дарназардошти тамоми анъанаҳои ин ҷашн ва риояи дигар хусусиятҳои хос барномаро таҳия кардаанд, зеро мушоҳида мешуд, ки ҳар як баромади устодони санъат ва ҳаваскорон таҷассумгари шукуҳу шаҳомати Наврӯзи аҷдодӣ буд.

Суннатҳои неки наврӯзӣ, ки дар ҳама минтақаҳои кишвар ба онҳо арҷ гузошта мешаванд, дар ин чорабинӣ таҷассуми худро ёфта буд. Ин чорабинӣ бори дигар собит кард, ки мардуми Тоҷикистон расму оинҳои бостониро гиромӣ медоранд ва онро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунанд.

Наврӯзи Хатлону Бадахшон, Рашту Зарафшон ва Ҳисор бо хусусиятҳои хосаш ба иштирокдорони ин чорабинии бузурги фарҳангӣ намоиш дода шуд.

Рақсу бозӣ, иҷрои сурудҳои халқӣ, намоиши омода кардани таомҳои миллии хоси наврӯз ва ғайра аз бахшҳои асосии ин намоиш буданд, ки ба ҳозирин хеле писанд омаданд.

Корвони наврӯзӣ, ки дар кишвари мо бо талошу тадбирҳои созандаи Пешвои миллат пас аз солиёни зиёд дубора эҳё гардид, дар вуҷуди худ беҳтарин суннатҳои Наврӯзи бузурги ниёгони моро таҷассум намудаву ҳамон ойинҳои қадимаро ба сурати нав, хосса бо мутобиқ гардонидан ба падидаҳои даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон дубора зинда гардонидааст.

Дар охир Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таҳиягарону ҳунармандон барои ташкили ин чорабинии сатҳи баланд арзи сипос намуданд.

# Иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар шаҳри Норак

**Дар доираи таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ 20 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Норак ташриф оварда, ба кушодани як қатор иншооти саноатӣ оғози расмӣ бахшиданд**

## Оғози татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии Нерӯгоҳи барқи обии «Норак»

20 марти соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзҳои таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ дар шаҳри Норак ба татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии Нерӯгоҳи барқи обии «Норак» оғози расмӣ бахшида, бо ҷараёни навсозии агрегатҳо шинос шуданд.

Мавриди зикр аст, ки Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" бузургтарин иншооти гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Корҳои сохтмонии он соли 1961 оғоз гардида, 26 марти соли 1966 маҷрои дарёи Вахш баста шуд. Агрегати якуми нерӯгоҳ бо иқтидори 300 МВт 15 ноябри соли 1972 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудааст. Нерӯгоҳ аз 9 агрегат иборат буда, аз соли 1979 бо иқтидори пурраи 2700 МВт кор кардааст. Соли 1988 дар натиҷаи таҷдиди агрегатҳо иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳ 8 агрегат бо 335 МВт ва 1 адад бо 320 МВт ба 3000 МВт расонида шуд.

Имрӯз дар Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" 710 нафар кормانд, аз ҷумла 160 нафар занон фаъолият доранд. Шумораи ҳайати муҳандисӣ-техникии нерӯгоҳ 204 нафарро ташкил медиҳад.

Зимни шиносоӣ бо тарҳи лоиҳаи таъмири асосии Нерӯгоҳи барқи обии "Норак" Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Вазорати энергетика ва захираҳои обии ҷумҳурӣ барои назорати иҷрои босифати корҳо супоришҳои мушаххас дода, ба ширкати пудратии лоиҳа — ширкати австриягии "Andritz Hydro", мушовири лоиҳа — ширкати швейсариягии "Stucky Ltd" ва зерпудратчии лоиҳа — ширкати ватании "Тоҷик СГЭМ" ҷиҳати татбиқи саривақтии лоиҳа маслиҳатҳои муфид пешниҳод намуданд.

## Ифтитоҳи Корхонаи истеҳсоли кошинҳои резинӣ дар ҶДММ «Заводи таҷрибавӣ-механикӣ»-и шаҳри Норак

20 март бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи нави истеҳсоли кошинҳои резинии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Заводи таҷрибавӣ — механикӣ»-и шаҳри Норак мавриди истифода қарор гирифт.

Дар коргоҳ бори нахуст аз шинаҳои фарсудаи автомобилҳо се намуди маҳсулот истеҳсол гардида, ин номгӯи масолеҳи сохтмонӣ дар бунёди майдончаҳои варзишӣ, саҳни боғчаҳои кӯдакона ва роҳравҳо васеъ истифода карда мешавад.

## Маросими ба истифода супоридани Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак

Дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Норак 20 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба истифода доданд.

Иншооти мазкур дар майдони 1570 метри мураббаъ бунёд ёфта, дар зарфи камтар аз як сол сохтмони он ба анҷом расонида шуд. Баландии сутунпояи Нишони давлатӣ аз сатҳи сақф 20 метрро ташкил дода, аз масолеҳи хушсифат ва тобовар бунёд ёфтааст. Худи Нишон наздик ба 2 метр буда, дар маҷмӯъ баландии иншоот бо сутунпояаш 22 метрро ташкил медиҳад.

## Барафрохтани Парчами давлатӣ дар шаҳри Норак

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Норак дар вазъияти тантанавӣ Парчами давлатиро барафрохтанд.

Парчами давлатӣ бо садо додани Суруди миллӣ дар фазои орому осудаи Ватан, дар марказ шаҳри Норак партавафшон шуд.

Баландии пояи Парчами давлатӣ 50 метрро ташкил медиҳад. Дарозии матои ин рамз ва муқаддасоти миллӣ 14 метр ва паҳноиаш ба 7 метр баробар мебошад.

## Ифтитоҳи Корхонаи «Гидромехсаноат»-и ҶСК «Тоҷикгидромонтаж» дар шаҳри Норак

Дар минтақаи саноатии шаҳри Норак Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳалаи аввали Корхонаи «Гидромехсаноат»-и Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷикгидромонтаж»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Аснои шиносоӣ ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки самти фаъолияти корхона истеҳсоли таҷҳизоти гидромеханикӣ ва металлоконструксияи нерӯгоҳҳои барқи обӣ буда, дар Тоҷикистон ягона корхона ба ҳисоб меравад.

Иқтидори истеҳсолии ин корхонаи нави саноатии мамлакат дар як моҳ то ҳазор тонна таҷҳизоти гидромеханикӣ ва металлоконструксияи нерӯгоҳҳои барқи обӣ мебошад.

Дар Корхонаи "Гидромехсаноат" истеҳсоли ҳама намуд дарвозаҳо, аз ҷумла дарвозаҳои таъмирӣ, асосӣ, садамавӣ ва қубурҳои обрасони турбина барои нерӯгоҳҳои барқи обӣ ба роҳ монда шуда, 250 нафар бо ҷойи кор доимӣ таъмин шудаанд.

## Ифтитоҳи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ дар майдони марказии шаҳри Норак

20 март дар доираи сафари корӣ дар шаҳри Нораки вилояти Хатлон дар майдони марказии шаҳр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ аз рӯи муҷассамаи асосгузори аввалин давлати тоҷикон — шоҳ Исмоили Сомонӣ пардаро бардошта онро ифтитоҳ карданд.

Баландии пояи муҷассама 7,5 ва худи муҷассама 7 метрро ташкил медиҳад.

Муаллифони муҷассамаи барқади шоҳ Исмоили Сомонӣ ҳайкалтарошон, аъзоёни Иттифоқи рассомони Тоҷикистон Мансур Маҷидов ва Рустам Ҳоҷибоев мебошанд.

Маҷмаа бо муҷассамаи Исмоили Сомонӣ бо маблағҳои соҳибкорони ватанӣ, сокинони саховатпешаи шаҳри Норак ба ифтихори истиқболи сазовори ҷашни бузурги миллӣ — 30 — солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардид.

# Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи маҷмааи варзишии Донишгоҳи давлатии шаҳри Бохтар ба номи Носири Хусрав

**Ҳамватанони гиромӣ!**

**Устодону омӯзгорон ва донишҷӯёни азиз!**

Ин лаҳзаҳо, ки дар сартосари Ватани маҳбубамон тантанаҳои наврӯзӣ идома доранд, кулли мардуми сарбаланди вилояти Хатлон, аз ҷумла сокинони шаҳри Бохтар ва ҳамаи шумо – устодону омӯзгорони гиромӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии ба номи Носири Хусравро ба ин муносибат табрик мегӯям.

Имрӯз мо ҷашни бостонии ниёгонамон – Наврӯзи Аҷамро дар фазои озоду осуда, дар давлати соҳибихтиёру обод ва дар шароити сулҳу суботи комил таҷлил менамоем, ки ин неъмати бузург аст ва мо бояд ба қадри он расем ва шукронаи чунин рӯзҳои осоиштаро ба ҷо оварем.

Дар асоси манбаъҳои таърихӣ ниёгони шарафмандамон Наврӯзро ҳанӯз дар давраҳои мавҷудияти давлатҳои нахустини худ дар гӯшаҳои гуногуни сарзамини зисти худ, аз ҷумла дар қаламрави давлати Бохтар бо шукӯҳу шаҳомат таҷлил мекардаанд ва ин айёмро барои ободиву сарсабзии диёри хеш истифода мебурдаанд.

Бохтар дар замонҳои қадим давлати пуриқтидоре буда, Хатлонзамин як пораи муҳимми ин давлати паҳновари гузаштагони мо ба шумор мерафт ва ин сарзамини бостонӣ зодгоҳи Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Хоҷа Нурбахши Хатлонӣ, Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ ва садҳо нафар шахсиятҳои маҳбубу маъруфи миллат мебошад, ки имрӯз мо бо ном ва мероси пурқимати онҳо ифтихор мекунем.

Наврӯз, ки бо умри басо тӯлонии қариб шашҳазорсолаи худ дар сарнавишти миллати мо ва тамоми меросбарони он нақши барҷаста дорад, ҳамчун падидаи нотакрори фарҳангӣ ва унсури муҳимтарини тамаддуни аҷдодамон дар масири таърих одамонро ҳамеша ба созандагиву офарандагӣ, эҷодкорӣ ва иқдомоти нав раҳнамоӣ кардааст.

Фазилати Наврӯз ҳамчун ҷашни пайванди инсон бо табиат аз вусъат бахшидани амалҳои созандаву ободкорона, сабзонидану парвариши ниҳолҳо, бунёди боғҳо, тозаву озода нигоҳ доштани хонаву кошона, маҳалли зист ва муҳити атроф иборат мебошад.

Бовар дорам, ки мардуми ҳимматбаланди вилоят, соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатманд ин суннатҳои наврӯзиро, бахусус, дар самти ободонии шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот ва маҳалли зист, таъмиру бунёди роҳҳо, шабакаҳои обрасонӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ, инчунин, барои ҳамватанонамон таъсис додани ҷойҳои нави корӣ вусъат бахшида, ҷашни муқаддаси миллиамон сисолагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро бо дастовардҳои арзанда истиқбол мегиранд.

Махсусан, деҳқонони асили ин сарзамин дар баробари чорабиниҳои ҷашнӣ аз ҳар рӯзи мусоиди баҳорӣ самаранок истифода бурда, аллакай киштукори баҳорӣ ва коштани донаи умедро, ки файзу баракати хони наврӯзии мардумамон мебошад, оғоз кардаанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ҳамчун яке аз марказҳои асосии тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ ва рушди фарҳангу адаби кишвар дар тӯли фаъолияти беш аз чилсолаи худ дар қатори дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат дар тарбияи омӯзгорон ва мутахассисони бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат нақши сазовор гузоштааст. Донишгоҳи мазкур яке аз калонтарин таълимгоҳҳои олии касбӣ дар вилояти Хатлон мебошад.

Донишгоҳ дорои пойгоҳи мустаҳкаму муосири моддиву таълимӣ, иқтидори пурқуввати илмиву омӯзгорӣ ва таҳқиқотиву инноватсионӣ буда, дар он парки технологӣ, марказу озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавии таълим фаъолият доранд.

Ҳоло дар донишгоҳ 562 нафар устодону омӯзгорон фаъолият мекунанд, ки 167 нафарашон занон мебошанд.

Шумораи умумии донишҷӯёни донишгоҳ қариб 17 ҳазор нафар буда, 600 нафари онҳо тибқи квотаи президентӣ таҳсил мекунанд. Танҳо дар панҷ соли охир донишгоҳро 19 ҳазор нафар хатм кардаанд.

Имрӯз ҳазорон нафар дастпарварони ин даргоҳи илму маърифат дар муассисаҳои гуногуни таълимӣ ва соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат ва хориҷ аз он муваффақона фаъолият доранд.

Садҳо нафар ходимони давлативу ҷамъиятӣ ва шоирону нависандагони номдор дастпарварони ҳамин донишгоҳ мебошанд.

Донишгоҳ соли 2018 дар олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар бо 7 ҷойи ифтихорӣ ва дар озмуни имсолаи “Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки дар арафаи Наврӯз баргузор гардид, бо гирифтани ҳашт ҷойи ифтихорӣ сазовори ҷойи дуюм гардидааст.

Бо вуҷуди ин, масъулони донишгоҳ вазифадоранд, ки имкониятҳои мавҷударо самаранок истифода карда, ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба корҳои илмӣ, бо устодони унвондор таъмин намудани донишгоҳ ва беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти озмоишгоҳҳо, марказҳои инноватсиониву илмӣ ва таҳкими робита бо истеҳсолот тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳамчунин, Вазорати маориф ва илм, роҳбарияти донишгоҳ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳри Бохтарро зарур аст, ки барои боз ҳам таҳким бахшидани пояҳои моддиву техникии донишгоҳ мунтазам чораҷӯӣ кунанд.

Бо мақсади такмили инфрасохтори мавҷуда ва баланд бардоштани сифати таълим дар се соли охир барои факултетҳои таъриху ҳуқуқ, педагогикаву варзиш, сиёсат ва идораи давлатӣ се бинои нави таълимӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Моҳи июли соли 2017 санги асоси бинои нави донишгоҳ, ки бо маблағи бештар аз 90 миллион сомонӣ барои зиёда аз 6000 ҷойи нишаст бунёд мегардад, гузошта шуда, имрӯзҳо сохтмони он идома дорад.

Бинои нави таълимие, ки мо имрӯз ифтитоҳ кардем, иборат аз 24 синфхонаи таълимӣ, 8 кабинети маъмурӣ ва 8 кабинети ёрирасон барои факултаҳои сиёсат ва идораи давлатӣ буда, барои 700 ҷойи нишаст бунёд ва бо таҷҳизоти муосири замонавӣ ҷиҳозонида шудааст.

Дар баробари ин, маҷмааи варзишии дорои тамоми шароити ҳозиразамон бо 4000 ҷойи нишаст, ки ҳоло мо дар он қарор дорем, идомаи ҳамин корҳои созанда мебошад.

Таҷрибаи таърихӣ собит сохтааст, ки инсони соҳибхирад ва донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо ва нерӯи тавонои зеҳнӣ ба шумор меравад.

Ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани давлат ва таъмин намудани оромиву осоиши ҷомеаи кишвар насли наврас бояд босаводу донишманд ва соҳибмаърифат бошад, дастовардҳои навини илму техника ва технологияҳои инноватсиониро аз худ намояд, бо ду ва зиёда забонҳои хориҷӣ муошырати озод дошта, баробар бо замони пешрафт қадам гузошта тавонад.

Дар баробари таълим ва рушди илму инноватсия тарбия низ ҳамчун ҷузъи таҳсилот муҳим ва ниҳоят арзишманд мебошад.

Аз ин лиҳоз, таваҷҷуҳ ба тарбияи насли наврас, дар зеҳни наврасону ҷавонон ҷой кардани хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, ифтихори миллӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба камол расонидани наслиояндаи мамлакат яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон ва падару модарон ба шумор меравад.

Дар хотир бояд дошт, ки мо танҳо дар сурати рушди баробари таълиму тарбия дар низоми таҳсилоти кишвар ба комёбӣ ноил гардида, барои ба воя расонидани шахсиятҳои солиму соҳибмаърифат ва насли фаъоли ҷомеаиояндаи худ замина фароҳам меорем.

Бо истифода аз фурсат як нуктаи муҳимро таъкид менамоям, ки файзу баракати зиндагӣ ва шукӯҳу шаҳомати ҳама гуна ҷашну чорабинӣ аз сатҳи пешрафти иқтисодиёт вобаста мебошад.

Бинобар ин, дар баробари таҷлили ҷашн бояд ба масъалаи сари вақт анҷом додани киштукори баҳорӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, афзун намудани имкониятҳои содиротии кишвар, саноатикунонии мамлакат ва бо ҳамин роҳ ҳарчи бештар тақвият бахшидани иқтидори иқтисодии Тоҷикистон эътибори аввалиндараҷа диҳем.

Умуман, зарур аст, ки иҷрои нақшаи чорабиниҳои вобаста ба бунёди иншооти иҷтимоӣ, коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ва ободонии деҳот қабулшуда вусъат бахшида шавад, то ин ки дар се соли оянда мо тавонем кишвари худро боз ҳам ободу зебо ва сатҳу сифати зиндагии мардумамонро хеле беҳтар намоем.

Итминон дорам, ки дар амалӣ намудани ин вазифаи пурифтихор ва рисолати пуршараф сокинони сарбаланди вилояти Хатлон ва шаҳри Бохтар намунаи заҳмати аҳлонаву содиқона хоҳанд буд.

Ман ба азму ирода, ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, ғайрату матонат ва садоқати хурду бузурги Хатлонзамин нисбат ба Ватани соҳибистиқлоли худ эътимоди комил дорам.

Ва дилпурона изҳор медорам, ки онҳо минбаъд низ ба хотири ободии Ватан, пешрафти давлат, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар кишвари азизамон саъю талоши бештар хоҳанд кард.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори Соли нави аҷдодӣ-Наврӯзи фархундапай самимона табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломативу барори кор орзу менамоям.

**Ҳамеша сиҳатманду сарбаланд ва чун баҳори нозанин сарсабзу хуррам бошед!**

## Ба истифода додани корхонаи равғанбарории «Ганҷ» дар ноҳияи Кӯшониён

Рӯзи 23-юми март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ба ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон ташриф оварда, дар Ҷамоати деҳоти Бӯстон-Қалъа ба фаъолияти бузургтарин корхонаи равғанбарорӣ — Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Корхонаи истеҳсолии Ганҷ», ки аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ дар майдони як гектар сохта шудааст, оғози расмӣ бахшиданд.

Ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки корхонаи мазкур бо харҷи беш аз 8,5 миллион сомонӣ бунёд гардида, иқтидори солонаи он коркарди 35 ҳазор тонна офтобпарасту зағир ва рапсу масҳар, истеҳсоли 10 ҳазор тонна равғани растанӣ ва 21 ҳазор тонна кунҷора мебошад.

Дар ин ҷо 40 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Барои истеҳсоли равғани растанӣ аз Федератсияи Россия ва Чехия пешрафтатарин технология оварда, васлу насб карда шудааст, ки айни замон назираш дар кишварҳои минтақа вуҷуд надорад. Ёдовар мешавем, ки имрӯзҳо корхонаҳои бузурги фаъолияткунандаи соҳа танҳо аз пунбадона равған истеҳсол мекунанд. То ин замон истеҳсоли равған аз офтобпараст, зағир, рапс ва масҳар дар ҳаҷми кам дар коргоҳҳои хурд ба роҳ монда шуда, талаботи бозор асосан аз ҳисоби маҳсулоти воридотӣ таъмин карда мешавад.

## Гузоштани санги асоси Терминали автомобилии мусофиркашӣ дар шаҳри Бохтар

23 март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар бо гузоштани санги асос ба бунёди терминали автомобилии мусофиркашӣ дар масоҳати 3 гектар оғози расмӣ бахшида, бо Лоиҳаи рушди нақлиёти ҷамъиятии вилояти Хатлон шинос гардиданд.

Маблағи умумии пружа бештар аз 10 миллион доллари амрикоиро дар бар мегирад ва он дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд татбиқ хоҳад гардид.

Ҳадаф аз татбиқи ин лоиҳа ҷорӣ намудани хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятии дохилишаҳрӣ ва наздишаҳрӣ бо истифода аз автобусҳои наву замонавӣ барои аҳолӣ ва меҳмонони шаҳри Бохтар, Левакант ва ноҳияҳои Кӯшониёну Вахш, баланд бардоштани сифати хизматрасонии мусофиркашӣ, коҳиш додани ҳолати танбашавии нақлиёт дар роҳҳои мошингард ва беҳтар намудани вазъи экологӣ арзёбӣ карда шуд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо лоиҳа ва суҳбат бо масъулин ҷиҳати татбиқи ҳадафмандонаи пружа ва истифодаи пурсамари маблағҳои ҷалбгардида таъкид доштанд.

## Боздиди Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз Кооперативи тиҷоратии «Беҳбудӣ»-и ноҳияи Кӯшониён

23 март дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо шароити кишту парвариши зироати кишоварзӣ, аз ҷумла картошкаи барвақтӣ дар Кооперативи тиҷоратии «Беҳбудӣ»—и ноҳияи Кӯшониён шинос шуданд.

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки Кооперативи мазкур соли 2009 ҳамчун субъекти хоҷагидор таъсис дода шуда, майдони умумии заминҳои кишти он беш аз 21 гектарро ташкил медиҳад. Хоҷагидорон қариб ҳама намуди зироати кишоварзиро кишту парвариш мекунанд ва саҳми онҳо дар таъмини бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти тару тоза назаррас аст.

Гуфта шуд, ки дар ин гармхона картошкаи навъи «Шукрона», ки ҳосилнокии баланд дорад, моҳи декабри соли гузашта кишт гардидааст ва аввали моҳи апрел ҳосили он ҷамъоварӣ карда мешавад. Бояд гуфт, ки соли сеюм аст, дар ноҳияи Кӯшониён кишту парвариши картошкаи барвақтӣ дар гармхона ба роҳ монда шудааст ва ин усул ба иқлими ноҳия мутобиқ мебошад.

Дар Кооперативи тиҷоратии «Беҳбудӣ» 35 нафар бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин буда, дар вақти ҷамъоварии ҳосил зиёда аз 100 нафар сокинони маҳаллӣ ба корҳои мавсимӣ ҷалб мегарданд. Кооперативи тиҷоратии «Беҳбудӣ» ҳамчунин дорои корхонаи коркарди меваю сабзавот мебошад. Иқтидори истеҳсолии ин корхона ба 200 тонна баробар аст.

## Оғози кишти пахта дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бӯстон-2010»-и ноҳияи Вахш

Дар доираи сафари кории худ дар вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бӯстон-2010»-и ноҳияи Вахш ба кишти пахта оғоз бахшиданд.

Ҷамъияти мазкур имсол аз масоҳати умумии заминҳои дар ихтиёр доштааш дар 26 гектари он пахта мекорад, зеро ба иттилои масъулин, бодду ҳаво ва заминҳои серҳосили ин минтақа барои парвариши ин навъи зироат мувофиқу муносиб буда, ҳосили дилхоҳ ба бор меорад.

Ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки аз ҳар гектар замин имконияти аз 35 то 40 сентнер гирифтани ҳосил мавҷуд буда, имсол дар заминҳои ҷамъият парвариши навъи пахтаи «Хатлон-2014» ба роҳ монда шуд.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бӯстон-2010» 35,5 гектар замини корамро дар ихтиёр дошта, дар баробари пахта, ҳамчунин ҳамасола ҷав, юнучқа, ғалла, ангур ва қулфинай низ парвариш мекунанд.

# Вазъи бақайдгирӣ ва ҷамъоварии андози ягона

**Тавре ки маълум аст, дар соли 2014 дар вилояти Суғд таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ гузаронида шуд. Ҳадафи асосии таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, албатта, ҳарчи бештар соҳиби замин гардидан ва беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ буд.**



Таҳлилҳои имрӯза нишон медиҳанд, ки таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ дар аксар шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби комиссияҳои таҷдид, ташкилоту идора ва сохторҳои дахлдор бо саросемагӣ сурат гирифта, мувофиқи мақсад амалӣ нашудааст. Ин аст, ки имрӯз қариб дар ҳама навоҳии кишоварзии вилоят даҳҳо хоҷагиҳои хурди кишоварзии дар натиҷаи таҷдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм пайдошуда, дар асл, бе қайд дар мақомоти давлатӣ фаъолият намуда истодаанд. Дар масъалаи ҳисоби дуруст ва пардохти андозҳо низ аз ҷониби онҳо, айни ҳол бенизомӣ ҷой дорад. Аз ин рӯ, давоми соли гузашта Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии он барои ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонии навтаъсис ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо чораҷӯиҳо намуданд. Бо мақсади тезонидани суръати бақайдгирӣ ва ислоҳи камбудиҳо дар ин ҷода Раёсати андози вилояти Суғд ба шаҳру ноҳияҳои Масчоҳ, Исфара, Конибодом ва Панҷакент гурӯҳҳои корӣ равон намуд.

Масчоҳ аз ҷумлаи калонтарин ноҳияҳои пахтакории вилояти Суғд мебошад. Мутобиқи маълумоти Кумитаи заминсозӣ ба санаи 1-уми январи соли 2018 дар ноҳия 4 ҳазору 907 адад хоҷагии деҳқонӣ таъсис ёфтааст. Дар мақомоти андози ноҳия дар ин давра ҳамагӣ 3 ҳазору 658 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда буд. Яъне фарқияти таъсис ва бо қайди давлатӣ фаъолият намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ 1 ҳазору 249 ададро ташкил медод.

- Дар натиҷаи андешидани чораҳо ва фаъолияти гурӯҳҳои кории мақомоти андози вилоят ва ноҳия соли 2018, дар маҷмӯъ, 322 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуданд, - мегӯяд сардори Нозироти андози ноҳияи Масчоҳ Асириддин Ҳасанов. - Дар давоми ду моҳи соли 2019, аллакай, 47 адад хоҷагии деҳқонии беқайд дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гузошта шудаанд. Ҳамин тариқ, ба санаи 1-уми марти соли 2019 шумораи умумии хоҷагиҳои кишоварзии ба қайди давлатӣ гирифташуда дар ноҳия 3978 ададро ташкил дод.

Бояд қайд намуд, ки гурӯҳҳои кории Раёсати андози вилояти Суғд ва Нозироти андози ноҳияи Масчоҳ барои ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонии беқайд ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо ошкор намуд, ки баъзе сарварони хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳатто аз сарвари хоҷагӣ будани худ хабар надоранд. Ё ин ки як давраи муайян танҳо барои бепул аз ҷониби лоиҳаи Кумитаи заминсозӣ додани Сертификати замин саҳмдорон хоҷагиҳои деҳқониро тақсим кардаанд. Масалан, хоҷагии деҳқонии «Ҷумазода» дар майдони 156,12 га таъсис дода шуда, саҳмдорони он ҳама хешу таборҳои наздик, яъне Ҷумаевҳо мебошанд. Баъдан, лоиҳаи Кумитаи заминсозӣ ин хоҷагиро 50 тақсим намуда, ба 50 хоҷагии деҳқонӣ, аз хоҷагии деҳқонии «Ҷумазода-1» сар карда то «Ҷумазода-50», 50 адад Сертификати алоҳида додааст. Албатта, ин хоҷагиҳо, ки хоҳиши алоҳида фаъолият кардан надоштанд, ҳангоми талаби мақомоти андоз, ки ҳар яке андозсупорандаи алоҳида ҳастанду бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, онҳо барои якҷояшавӣ ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Масчоҳ муроҷиат намудаанд. Ҳамин тавр, бо қарорҳои Раиси ноҳия аз 29-уми марти соли 2017 ва 12-уми марти соли 2018 ин хоҷагиҳо якҷоя карда шудаанд. Аз 50 хоҷагии деҳқонии якҷояшуда, 26 адади онҳо аз Фонди замини ноҳия бароварда шуда, 24 адади дигар ҳамчун хоҷагиҳои деҳқонии амалкунанда боқӣ мондаанд.

Ба ҳамин монанд, хоҷагиҳои деҳқонии «Сафар Розиқ-1» «Сафар Розиқ-2» ва «Сафар Розиқ-3» якҷоя шуда, санаи 27-уми феврали соли 2017 хоҷагии деҳқонии «Сафар Розиқ»-ро таъсис додаанд. Аз маълумоти Кумитаи идораи замини ноҳия, ба санаи 01.01.2018, ин се хоҷагӣ бароварда нашудаанд. Ё ин ки бо қарори Раиси ноҳия моҳи апрели соли 2016 ҳашт адад хоҷагии деҳқонии «Сангинзода-2,3,4,5,6,7,11,12» муттаҳид карда шуда, хоҷагии деҳқонии «Ҷавоҳир»-ро ташкил намудаанд. Вале на хоҷагиҳои деҳқонии барҳамхӯрда ва на хоҷагиҳои деҳқонии навтаъсис дар Фонди замини ноҳия нестанд. Аз чунин камбудиҳо, анқариб ҳама ҷамоатҳои ноҳия истисно нестанд.

Дар мавриди нишондиҳандаҳои воридоти маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби андози ягона дар ноҳияи Масчоҳ бино ба маълумоти нозироти андоз соли 2018, дар маҷмӯъ, 3 миллиону 811 ҳазору 946 сомонӣ ҷамъоварӣ шудааст. Нишондиҳанда дар ин самт аз рӯи натиҷаи моҳҳои январ-феврали соли 2019 нисбати ҳамин давраи соли гузашта беҳтар гардида, қариб 122%-ро ташкил дод. Дар ду моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби андози ягонаи соҳаи кишоварзии ноҳия ба буҷети давлатӣ ба ҷои 658 ҳазору 513 сомонии пешбинишуда, воқеан беш аз 803 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Маблағи барилова ҷамъоваришуда аз андози ягона дар ин давра 144 ҳазору 503 сомониро ташкил медиҳад.

Пешниҳоди эъломияи андоз дар ҷамъбасти соли 2018 аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия ба 78% ва аз тарафи кооперативҳои тиҷоратӣ ба 94% баробар шудааст.

- Дар мавриди ба қайди давлатӣ гузоштан, дар доираи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқии кишварамон фаъолият намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ мо пайваста бо хоҷагидорон семинармашваратҳо доир менамоем,- таъкид дошт сардори нозироти андози ноҳия Асириддин Ҳасанов. - Дар рафти ин семинармашваратҳо масъалаҳои сари вақт ба қайди давлатӣ гирифтан ва тартиби дурусти пешбурди ҳисоботи андоз дар хоҷагиҳои кишоварзӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешаванд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**



**Мутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин Шодмон Қурбонов зикр кард, ки ба санаи 1 январи соли 2019-ум 187 адад субъекти хоҷагидор ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.**

## Таъмини субъектҳои хоҷагидор бо РМА

Аз ин 10 шахси ҳуқуқӣ, 137 адад хоҷагии деҳқонӣ, 5 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома ва 35 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд. Дар ин давра аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ маблағи 16 ҳазору 100 сомонӣ, соҳибкорони тибқи шаҳодатнома 1100 сомонӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ 17 ҳазору 900 сомонӣ ва соҳибкорони тибқи патент амалкунанда 2650 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардидааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар маҷмӯъ, аз ҳисоби субъектҳои хоҷагидор ба буҷети давлатӣ 38 ҳазору 475 сомонӣ маблағи андоз пардохт гардидааст. Ш.Қурбонов афзуд, ки соли 2017 аз ҳисоби субъектҳои ба қайди давлатӣ гирифташуда 31 ҳазору 100 сомонӣ маблағи боҷи давлатӣ пардохт гардида буд. Соли 2018-ум 7 ҳазору 375 сомонӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (2017) зиёд маблағ ба буҷет ворид шудааст.

- Вазифаи дигари бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳия ин додани рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) мебошад, - изҳор дошт Ш. Қурбонов.

Мавсуф ҳамчунин қайд кард, ки бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ соли сипаригардида 3500 нафар сокини ноҳияро бо РМА таъмин карданд.

Айни ҳол дар ноҳия 2230 адад хоҷагии деҳқонӣ, 48 соҳибкори тибқи шаҳодатнома ва 188 нафар соҳибкори тибқи патент амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуда, аз ин ҳисоб 1048725 сомонӣ андоз ба буҷети давлатӣ ворид гардидааст.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Минфин предложил ввести в НК РФ шесть неналоговых платежей

Под контроль ФНС попадут платежи на 316,6 млрд руб.

**Минфин внес в правительство проект закона о включении в Налоговый кодекс России шести неналоговых платежей, пишет Росбалт.**

В НК РФ предложено внести плату за негативное воздействие на экологию, отчисления операторов сети связи общего пользования, плату в счет возмещения вреда, причиняемого автодорогам грузовиками массой свыше 12 тонн («Платон»), а также три сбора - утилизационный, экологический и курортный.

В общей сложности в прошлом году они пополнили российскую казну на 316,6 млрд руб., больше всего принес утилизационный сбор — 260 млрд руб., пишет газета «Ведомости» со ссылкой на данные Федерального казначейства.

Ранее премьер-министр Дмитрий Медведев поручил, чтобы появление новых неналоговых платежей не увеличило общую фискальную нагрузку.

**http://taxpravo.ru**

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон, бо истифода аз таҷрибаи давлатҳои пешрафта фаъолияти Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт - сентр)-ро такмил дода, ҳамарӯза дар рӯзҳои корӣ аз соати 8:00 то 17:00 мутахассисони Бахши иттилоотӣ тариқи рақами содакардашудаи “151” ба суолҳои шаҳрвандон роҷеъ ба масъалаҳои андозбандӣ посух медиҳанд.**

# Самти афзалиятнок

Бо мақсади таъмин намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз 23.07.2016, №1339 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахши иттилоотӣ (Контакт-сентр) амал мекунад, ки кормандони он тибқи талаботи Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳамарӯза ба садҳо муроҷиати шаҳрвандон тариқи электронӣ посух медиҳанд.

Татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо вохӯриҳо ва таҳияи намоишҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир шавад.

Боиси қаноатмандист, ки нисбат ба давраҳои қаблӣ муроҷиатҳои шаҳрвандон ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз (Контакт – сентр) ба рақами содакардашудаи “151” ба маротиб зиёд гардида, ба тариқи хаттӣ кам шуда ва ҳамкории шаҳрвандон бо мақомоти андоз давра ба давра беҳтар шуда истодааст. Сабаби асосии кам шудани муроҷиати шаҳрвандон ба тариқи хаттӣ пеш аз ҳама, тариқи электрони муроҷиат намудани шаҳрвандон мебошад, ки дар мӯҳлати кутоҳ ба саволҳояшон посух мегиранд.

Мувофиқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳҳои январ ва феврали соли 2019 ба Бахши иттилоотӣ оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ 8990 муроҷиати телефонӣ ворид гардидааст, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 300 муроҷиат ба қайд гирифта мешавад. Тавре аз мухтавои муроҷиатҳо бармеояд, яке аз маъсалаҳои ташвишоваре, ки бештари андозсупорандагон тавассути рақами содакардашудаи “151” муроҷиат кардаанд, бештар оид ба тартиби бо таври электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои (ҳисоботи) андоз,аз ҷумла эъломияҳои ААИ ва аксиз, тартиби дуруст пешниҳод кардани ҳисобнома-фактураи ААИ ва истифодабарии “Анбори электронӣ”, тартиби дуруст ҳисоб ва пардохт намудани андози молу мулки ғайриманқул, оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар масъалаҳои андозбандӣ муроҷиат шудааст.

Масалан, дар моҳҳои январ ва феврали соли 2019, оид ба тартиби ба таври электронӣ пешниҳод намудани эъломияҳои (ҳисоботи) андоз 3721 адад, эъломияҳои ААИ ва аксиз 1080 адад,оид ба тартиби дуруст пешниҳод кардани ҳисобнома-фактураи ААИ ва истифодабарии “Анбори электронӣ” 1372 адад,ҳисоб ва пардохт намудани андози молу мулки ғайриманқул 190 адад, ва оид ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 380 адад муроҷиат ба қайд гирифта шудааст.

Қобили қайд аст, ки саволҳо ва муроҷиатҳои ба бахш ва гурӯҳҳои иттилоотӣ воридшавандаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон пайваста гурӯҳбандӣ шуда, дар ин асос, самтҳои афзалиятнок ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва беҳтар намудани рушди маъмурикунонии андоз муайян ва ба фаъолият дар ин самтҳо тақвият бахшида мешавад.

Ҳамзамон, дар моҳи апрели соли 2017 барои ба тариқи фаврӣ муайян кардан ва гирифтани маълумот дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА), рақами иловагии содакардашудаи телефонии “152”-и Бахши иттилоотии Кумитаи андоз мавриди истифода қарор гирифтааст ки тавассути он шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор ҳангоми ба расмият даровардани амалҳои нотариалӣ, гирифтани иҷозатномаҳо, иҷозатҳо, сертификатҳо, ба кор қабул намудан, барасмиятдарории амалиёти иқтисодии хориҷӣ ва ғайра метавонанд маълумот гиранд.

**Ҳамчунин, андозсупорандагон имконият доранд, ки барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ телефони содакардашудаи 151-ро истифода карда оиди беамалӣ, талабҳои беасоси пешпардохт ва муносибати дағалонаи кормандони мақомоти андоз ба Кумитаи андоз муроҷиат намоянд. Ҳар як муроҷиат дар барномаи махсус сабт карда шуда, зери назорати қатъии роҳбарияти Кумитаи андоз қарор мегирад.**

**Н. ЗОИРЗОДА**

# Ошкор шудани коргарони кирояи беқайд



**Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз дар баробари амалӣ намудани корҳои назоратӣ ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мебошад, ки имрӯз дар ин самт мақомоти андоз тавонист як қатор корҳои назаррасро ба анҷом расонад.**

Бояд тазаккур дод, ки яке аз вазифаҳои асосии мақомоти андоз дар амал татбиқ намудани корҳои назоратӣ ба ҳисоб меравад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки андозсупорандагон бо ҳисси масъулиятшиносӣ уҳдадориҳои худро таъмин намоянд. Ин дар ҳолест, ки тибқи талаботи моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз уҳдадориҳои асосии андозсупорандагон сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намудани уҳдадориҳои андоз ба ҳисоб меравад.

Раванди корҳои таҳлилӣ ва назоратии Кумитаи андоз нишон дода истодааст, ки як гурӯҳи муайяни андозсупорандагон, мутаассифона, аз сабукӣ ва имтиёзҳои андозӣ баръакс истифода намуда, ба пинҳонкунии манбаҳои андозбандӣ, пурра ва сари вақт пардохт накардани андозҳо, дуруст ва ба таври пурра нишон надодани натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ ва умуман, беқайд дар мақомоти андоз машғул гардидан ба фаъолияти соҳибкорӣ даст зада истодаанд.

Гурӯҳи корӣ, ки дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ноҳияи Синои шаҳри Душанбе сафарбар гардида буд, ҳангоми гузаронидани амалиётӣ 12 нафар коргари кирояи бе шартномаи меҳнатиро дар мақомоти андоз ба қайд гирифта, 6 андозсупорандаро бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо таъмин намуд.

Тавре роҳбари Гурӯҳи корӣ - мутахассиси пешбари Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Наимҷон Шарофов иттилоъ дод, гурӯҳ дар давоми 11 рӯзи корӣ дар ҳудуди кӯчаҳои Абдуллобеков, Ҷаббор Расулов ва Раҳмон Набиеви ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, фаъолияти 50 андозсупоранда (аз ҷумла, 10 шахси ҳуқуқӣ, 16 соҳибкори инфиродӣ ва 18 нафар шахси воқеӣ) -ро зери санҷиши амалиётӣ қарор дода, дар фаъолияти онҳо ҳолати риоя нагардидани талаботи қонунгузории андозро муайян намуд. Аз ҷумла, бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудани коргарони кироя, кам нишон додани даромади андозбандишаванда, риоя накардани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тартиби истифодабарии МНХ-и дорои хотираи фискалӣ”аз 02.05.2013, №210-ро ошкор намуда, нисбати андозсупорандагон протоколҳои маъмурӣ тартиб дод ва бо онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Дар давоми фаъолияташ Гурӯҳи корӣ пинҳонкунии манбаи 1,7млн. сомониро ошкор намуд, ки аз ин ҳисоб 419,7 ҳазор сомонӣ андозҳои барилова ҳисоб ва бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби андозсупорандагон эъломияи иловагӣ пешниҳод шуд, ки пардохти 267,1 ҳазор сомониаш ба буҷет таъмин гардидааст. Барои руёнидани боқимонда маблағҳои ҳисобшуда чораҷӯӣ идома дорад.

Дар рафти гузаронидани санҷиши амалиётӣ 12 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ, 8 ҳолати аз ҷониби андозсупорандагон дар ҳисобот нишон надодани 12 нафар коргари кироя ва кам нишон додани музди меҳнат ошкор шудааст, ки бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ аз тарафи онҳо мустақилона эъломияи иловагӣ аз манбаи 77,1 ҳазор сомонӣ ба маблағи 29,2 ҳазор сомонӣ (аз ҷумла, андоз аз даромад 9,9 ҳазор сомонӣ, андози иҷтимоӣ 19,3 ҳазор сомонӣ) пешниҳод гардиданд ва тибқи тартиби муқараргардида коргарони кироя дар нозироти андоз ба қайд гирифта, бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин шудаанд.

Ҳамчунин, нисбати 38 андозсупоранда барои вайрон намудани қонунгузории андоз ба маблағи 93,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода, пардохти 39,9 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин карда шуд. Инчунин,1 андозсупоранда расман бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ ва 6 андозсупоранда бо Дафтари бақайдгирии санҷишҳо таъмин гардиданд. Аз ҷумла, дар фаъолияти шахси воқеӣ Раҳматулло Тураев кам нишон додани андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар ҳисоботи андозӣ ошкор гардида, бо гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ эъломияи иловагӣ аз манбаи 92,4 ҳазор сомонӣ ба маблағи 12,0 ҳазор сомонӣ ҳисоб карда шуда, маблағҳои ҳисобшуда ба буҷет пардохт гардид.

Ба ҳамин монанд, чуноне муайян шуд, Ҳоҷӣ Қурбонов дар ҳисоботи андозӣ маблағи андоз аз даромади шахсони воқеиро кам нишон додааст, ки дар натиҷа, бо роҳи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ эъломияи иловагӣ аз манбаи 77,8 ҳазор сомонӣ ба маблағи 10,1 ҳазор сомонӣ ҳисоб шуда, маблағҳои ҳисобшуда ба буҷет ворид гардид.

**Хулоса, тавре санҷиши амалиётии андоз нишон медиҳад, қонунвайронкуниҳои андоз, асосан, аз бемасъулиятии баъзе аз андозсупорандагон ба вуқӯъ омадааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки фарҳанги андозии бархе аз андозсупорандагон дар сатҳи паст қарор дошта, муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби онҳо риоя намегардад. Аз ин рӯ, ҳар як андозсупорандаро мебояд, ки қонунгузории андозро дуруст риоя намоянд.**

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Номутобиқатӣ дар ҳисобот

**Дар моддаи 40 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки муоинаи хронометражӣ шакли назорати андоз буда, аз ҷониби мақомоти андоз бо мақсади муқаррар намудани даромади воқеии андозсупоранда ва хароҷоти воқеии вобаста ба фаъолияти барои гирифтани даромад равонашуда дар давраe, ки мавриди муоина қарор мегирад, анҷом дода мешавад. Дар ҷараёни гузаронидани муоинаи хронометражӣ мақомоти андоз масъалаҳои вобаста ба муоинаи объекти андозбандӣ ва ё объекти ба андозбандӣ алоқамандро мустақилона муайян менамоянд. Аз ин нуқтаи назар ҳадаф аз гузаронидани муоинаи хронометражӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ба тариқи мушаххас муайян намудани манбаи аслии андозбандишаванда, дарёфти манбаъҳои нави андозбандӣ ва ошкор намудани маблағҳои пинҳонкардаи андоз мебошад.**



Бо вуҷуди ин, баъзе андозсупорандагон бо мақсади пинҳон намудани маблағҳои андоз ва гирифтани даромади бештар ба қонунвайронкуниҳо даст мезананд. Соҳибкори инфиродии шаҳри Ҳисор Миралӣ Бобоҷонов то давраи гузаронидани муоинаи хронометражӣ мутобиқи ҳисоботи пешниҳоднамудааш даромади умумии худро аз ҳисоби фурӯши молҳои хӯрокворӣ ва маводи ниёзи мардум ба ҳисоби миёна дар як моҳ 48055 сомонӣ нишон додааст, ки маблағи номбурда барои ҳар рӯзи корӣ 1602,8 сомонӣ рост меояд. Дар мағозаи номбурда 3 нафар коргари кироя дар асоси шартнома фаъолият мекунанд. Маҳз ҳамин даромади нокифояи соҳибкор М. Бобоҷонов диққати кормандони мақомоти андози шаҳри Ҳисорро ба худ кашид ва онҳо қарор доданд, ки манбаи аслии андозбандишавандаи ӯро тавассути санҷиши хронометражӣ муайян намоянд.

Санҷиши хронометражӣ, ки се рӯз идома ёфт, камбудиҳоро ошкор намуд. Дар рӯзи аввали санҷиш мутобиқи нишондоди МНХ маблағи савдо 6414 сомонӣ, дар рӯзи дуюм 7980 сомонӣ ва дар рӯзи сеюм 1773 сомониро ташкил дод, ки дар маҷмӯъ, дар се рӯз 16169 сомонӣ ва ба ҳар рӯзи корӣ ба ҳисоби миёна 5389 сомонӣ рост меояд. Мутобиқи ҳисобҳои бадастомада муқаррар шуд, ки даромади умумии соҳибкори инфиродӣ Миралӣ Бобоҷонов аз ҳисоби фурӯши хӯрокворӣ ва молҳои ниёзи мардум дар як моҳ ба ҳисоби миёна 150918 сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбати давраи қабл аз муоинаи хронометражӣ 102863 сомонӣ зиёд мебошад. Аз ин лиҳоз соҳибкор уҳдадор шуд, ки дар ҳисоботи андозии худ даромади моҳонаи худро бояд на камтар аз 150918 сомонӣ нишон дода, 9055 сомонӣ андози низоми содакардашуда ва 1509 сомонӣ андози иҷтимоӣ, дар маҷмуъ моҳе 10564 сомонӣ андозҳоро ба буҷа пардохт намояд.

Бояд гуфт, ки агар баъзе андозсупорандагон тасодуфан ба хато роҳ дода, боиси вайрон намудани талаботи қонуниятҳои андоз гарданд, қисме аз онҳо бо мақсади ба даст овардани даромади бештар дидаю дониста ба қонунвайронкуниҳо даст мезананд, ки ин амали номатлуб обрӯ ва нуфузи онҳоро паст мекунад. Маҳз барои гирифтани пеши роҳи чунин қонунвайронкуниҳо ва муайян намудани манбаи аслии даромади воқеии соҳибкорон мақомоти андозро водор месозад, ки дар фаъолияти ин ва ё он андозсупоранда муоинаи хронометражӣ анҷом диҳанд.

Чуноне аз суҳбат бо сардори шуъбаи санҷишҳои Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор Ш. Султонов бармеояд, дар соли 2018 дар натиҷаи санҷишҳои хронометражӣ нисбати 45 нафар соҳибкори инфиродӣ беш аз 750209 сомонӣ пинҳонкунии маблағҳои андоз ошкор шудааст.

Омӯзиши фаъолият муайян кард, ки ҳисоботи ба мақомоти андоз пешниҳоднамудаи соҳибкори инфиродӣ Насриддин Шарофзода, ки ба тайёр ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул аст, бо фаъолияти рӯзмарраи ӯ мутобиқат намекунад. Зеро ӯ даромади умумии худро аз ҳисоби фурӯши таомҳо ба ҳисоби миёна дар як моҳ 12595 сомонӣ нишон додааст, ки даромади якрӯза ба 420 сомонӣ баробар мебошад. Бо мақсади дақиқ намудани манбаи андоз дар фаъолияти соҳибкор Н. Шарифзода Нозироти андоз дар шаҳри Ҳисор санҷиши муоинаи хронометражӣ таъин намуд, ки мутобиқи нишондоди МНХ даромади дар се рӯзи таҳти санҷиш қарордоштаи ӯ 693 сомонӣ ва даромади моҳона 20790 сомониро ташкил дод. Ин нисбат ба маблағи пеш аз муоинаи хронометражӣ қарордошта ба ҳисоби миёна дар як моҳ 8195 сомонӣ зиёд мебошад. Мутобиқи санади муоинаи хронометражӣ соҳибкор уҳдадор шуд, ки дар ҳисоботи андозии хеш манбаи андозбандишавандаи моҳонаи худро на камтар аз 20790 сомонӣ нишон дода, ҳар моҳ 1247,4 сомонӣ андози тибқи низоми содакардашуда, 207,9 сомонӣ андози иҷтимоӣ, барои 1 коргари кироя (800*13%)=104 сомонӣ андози даромад аз шахсони воқей дар манбаи пардохт мувофиқи ҷадвали тасдиқшуда ва аз манбаи (800*сомонӣ бо меъёри 25%) 200 сомонӣ андози иҷтимоӣ ба буҷа пардохт намояд.

Соҳибкори инфиродӣ Фарҳод Саидов мувофиқи иқтибос ба истеҳсол ва фурӯши таомҳои миллӣ машғул буда, 6 нафар коргари кирояро тибқи шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб намудааст. Бинои ошхонаи мазкурро, ки 846 метри мураббаъро ташкил медиҳад, соҳибкор дар асоси шартномаи иҷораи молу мулки ғайриманқул аз соҳибмулк Шарофҷон Мансуров ба иҷора гирифтааст. Соҳибкор даромади моҳонаи худро дар ҳисобот 8505 сомонӣ нишон додааст, ки ин ба ҳар рӯзи корӣ 303 сомонӣ рост меояд. Кормандони андоз барои муайян намудани даромади моҳонаи ошхонаи мазкур гузаронидани муоинаи хронометражиро зарур донистанд. Дар натиҷа маълум шуд, ки даромади якрӯзаи ошхона 1160 сомонӣ ва моҳонаи он 15660 сомониро ташкил медиҳад.

Пас аз анҷоми муоинаи хронометражӣ соҳибкор Ф. Саидов изҳори норизоӣ намуд, ки даромади ба даст меовардаи онҳо на ҳамеша як хел аст. Масалан, дар фаслҳои тобистону зимистон шумораи мизоҷони ошхона хеле кам мешавад.ва чунин маблағро ба даст овардан номумкин мегардад.

- Агар чунин аст, чӣ тавр шумо коргарони кирояро бо маош таъмин мекунеду хароҷотро мепӯшонед, - пурсиданд аз ӯ кормандони андоз. Соҳибкор чӣ гуфтанашро надонист. Ин шаҳодат медиҳад, ки соҳибкор Ф. Саидов дониши кофии ҳуқуқию иқтисодӣ надорад.

Чунин ҳолати кор водор месозад, ки кормадони мақомоти андоз миёни андозсупорандагон корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро вусъат диҳанд ва ба натиҷаҳои назаррас ноил шаванд.

**М. ТАБАРЗОДА**

# Ҳолати бақайдгирии давлатӣ

**Мутахассиси бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андоз дар ноҳияи Фархор Алишер Бобоев иттилоъ дод, ки танҳо соли 2018, 590 субъекти хоҷагидор ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.**

Номбурда ҳамчунин зикр кард, ки аз шумораи 590 адад субъекти ба қайди давлатӣ гирифташуда, 7 шахси ҳуқуқӣ, 365 адад хоҷагии деҳқонӣ, 24 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 194 соҳибкори тибқи патент амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Ёдовар бояд шуд, ки танҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар соли 2018 маблағи 3 ҳазору 650 сомонӣ ба буҷет пардохт гардидааст. Аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 41 ҳазору 500 сомонӣ маблағ ба буҷети мамлакат пардохт гардид. Феълан, дар ҳудуди ноҳияи Фархор бақайдгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидор идома дорад. Аз 194 соҳибкори тибқи патент бақайдгирифташуда, 12 ҳазору 900 сомонӣ ба буҷети давлатӣ пардохт гардида, дар ҳамин давра 22 соҳибкор бо сабабҳои гуногун фаъолияти соҳибкориашонро қатъ карданд.

Тибқи маълумоти дастрасгардида, аз ҳисоби ҳамаи субъектҳое, ки соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифта шуданд, 138 ҳазору 300 сомонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст. Айни ҳол, дар ноҳияи Фархор 749 соҳибкори тибқи патент ва 280 соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Налоги со свадебных подарков брать не будут - Минфин

**Исполняющий обязанности заместителя председателя Комитета государственных доходов Минфина Талгат Мамаев сообщил, что свадебные подарки не будут облагаться налогом, передает корреспондент Tengrinews.kz.**

«Если мы говорим о подарках на свадьбы, то на сегодняшний день в системе налогообложения это предусмотрено как безвозмездно переданное имущество. Деньги (подаренные. - Прим.) от физического лица к физическому лицу исключаются из налогообложения на сегодняшний день в Казахстане. В будущем мы не предусматриваем данную категорию считать налогооблагаемым доходом», - сказал Мамаев на пресс-конференции в СЦК по вопросам всеобщего декларирования.

С 1 января 2020 года в стране начнется всеобщее декларирование доходов и расходов физических лиц. Гражданам в декларации нужно будет указать недвижимость, автомобили, наличность, акции, зарубежные счета, драгоценности и прочее имущество. Эти данные будут учитываться в дальнейшем для налогового контроля.

**Подробнее:**
**https://tengrinews.kz**

# Қарзи андоз

## дар корхонаҳои беҳдошти замин

**Дар ҷаласаи кории назди муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон, ки чанде пеш доир гардид, масъалаҳои бақияи қарзи андозҳои корхонаҳои дар қайди Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ва ҳисоб ва пардохт намудани маблағи андозҳо баррасӣ шуданд.**



Дар ҷаласа сардорон ва муовини сардорони як қатор раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, роҳбарияти Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарварону сармуҳосибони корхонаҳои тобеи Агентии беҳдошт дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат иштирок доштанд.

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон оғоз намуд. Ӯ қайд кард, ки бақияи қарзи андозҳо ва пардохтҳо яке аз масъалаҳоест, ки на танҳо мақомоти андоз, балки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ ба ташвиш овардааст. Зикр шуд, ки новобаста аз ҳолати маъмурикунонии андозҳо, мактубҳои ба унвони Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои тобеи он ирсолшуда, дар самти пардохт намудани бақияи қарзи андозҳо, сари вақт ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, дуруст нишон додани музди меҳнат дар ҳисоботи андозӣ ва оморӣ ва шумораи кормандон, нишон додани хароҷот, ҳоло ҳам камбудиҳо ба назар мерасанд.

Баъдан, сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов баромад намуда, гуфт, ки бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба санаи 1 январи соли 2019-ум 711,9 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба 1 январи соли 2018-ум 59,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Қарзи нисбатан калони андоз дар ҷумҳурӣ ба корхона ва ташкилотҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут аст. Ба санаи 1 январи соли 2019 бо дарназардошти андози иҷтимоӣ қарзи андоз 53,6 млн. сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба аввали соли 2018-ум 8,1 млн. сомонӣ зиёд аст.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки бештари қарзи андоз дар корхонаҳои зертобеи Агентии беҳдошти замин дар як қатор шаҳру ноҳияҳои кишвар дида мешавад. Ба ҳолати 1 январи соли 2019-ум бақияи қарзи андози Идораи беҳдошти замин ва обёрӣ дар ноҳияи Кушониён ба 5256,8 ҳазор сомонӣ ва КД Истифодабарии оби нӯшокӣ дар ноҳия ба 667,2 ҳазор сомонӣ расидааст. Қарзи андози Идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ дар ноҳияҳои Вахш 1210,9 ҳазор сомонӣ, Ҷайҳун 1125,8 ҳазор сомонӣ, Қубодиён 1198,8 ҳазор сомонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ 1082,6 ҳазор сомонӣ, Панҷ 919,0 ҳазор сомонӣ, Носири Хусрав 925,9 ҳазор сомонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ 1 246,2 ҳазор сомонӣ, Восеъ 1258,9 ҳазор сомонӣ, Фархор (Идораи давлатии хоҷагии об 1947,3 ҳазор сомонӣ, ДСК "Гидро сохтмон" 626,3 ҳазор сомонӣ, КФД "Гок" ноҳия 617,4 ҳазор сомонӣ), Ёвон (Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ 1017,6 ҳазор сомонӣ ва КФД "Истифодабарии сохтмони оби нӯшокии деҳот"-и ноҳияи Ёвон 124,0 ҳазор сомонӣ), Идораҳои давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 3996,6 ҳазор сомонӣ, Ашт 2481,0 ҳазор сомонӣ, Зафаробод 7046, 9 ҳазор сомонӣ, Мастчоҳ 3318,7 ҳазор сомонӣ ва Спитамен 1183,6 ҳазор сомонӣ, Ҷабор Расулов 2048,9 ҳазор сомонӣ, Бобоҷон Ғафуров (Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрӣ 4376,9 ҳазор сомонӣ ва КДК "Обшорон" 56,0 ҳазор сомонӣ), Муассисаи давлатии "Канали Хоҷабоқирғонӣ"-и шаҳри Чкалов 2 481,0 ҳазор сомониро ташкил мекунанд.

Тавре дар ҷаласа зикр шуд, дар давоми соли 2018 маблағи андозҳое, ки нисбати корхонаҳои дар қайди Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда ҳисоб гардидааст, 14484,6 ҳазор сомониро дар бар гирифтааст. Аз ин дар соли 2018-ум 14 649,8 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст.

Қайд шуд, ки баъзе аз корхонаҳои дар қайди Агентии мазкур буда, ҳатто маблағҳои дар давоми соли 2018 ҳисобнамудаи худро пурра пардохт накардаанд, ки ин боиси афзоиши бақияпулиҳои андозии онҳо гардидааст. Масалан, аз ҷониби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Восеъ дар соли 2018-ум 698,9 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ҳисоб гардида буд. Аммо аз ҷониби корхона ба буҷет 471,6 ҳазор сомонӣ пардохт гардидааст халос.

Ё ин ки аз ҷониби Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Панҷакент дар давоми соли 2018-ум ҳамагӣ 417,5 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет таъмин гардидааст. Ҳол он, ки ин идора тибқи нақша 604,3 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳоро бояд пардохт кунад.

Дар баробари ин, чуноне дар ҷаласа қайд гардид, дар давоми солҳои 2017-2018 аз ҷониби мақомоти андоз нисбати корхонаҳои дар қайди Агентии беҳдошти замин ва обёрибуда ва шахсони мутасаддии онҳо барои қонунвайронкуниҳои андоз ба маблағи 121,8 ҳазор сомонӣ 114 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки аз ин ҳисоб танҳо 58,1 ҳазор сомонӣ ба буҷет таъмин гардидааст.

Бояд гуфт, ки нисбати қисми зиёди корхонаҳои дар қайди Агентии мазкур буда, дар бораи маҷбуран рӯёнидани қарзи андозҳо аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои бонкӣ қарорҳо низ қабул шуда буданд. Тибқи муқаррароти қисми 7 моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати нисбат ба андозсупорандаи қарздор қабул гардидани қарор дар бораи ситонидани қарзи андоз аз ҳисоби маблағҳои пулии нақд, андозсупоранда уҳдадор аст, ки ҳамаи маблағҳои нақдии ба хазинаи корхона воридшавандаро, ба истиснои пардохти музди меҳнат, барои рӯйпӯш намудани андозҳо равона намояд.

Вале дар асл, аз ҷониби корхонаҳои дар қайди Агентии беҳдошти замин ва обёрибуда, талаботи мазкур риоя нашуда, маблағҳои тариқи нақдӣ ҷамъоваригардида барои дигар намудҳои хароҷот ва дар дигар самтҳо истифода шудааст. Ҳатто пардохти пурраи маблағҳои андозӣ ҳармоҳа ҳисобшуда низ таъмин нагардидааст.

Бо қарори ҷаласаи корӣ роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳои тобеи Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор гардиданд, ки барои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Ба масъулони ваколатдори мақомоти андоз дастур дода шуд, ки нисбати корхонаҳои Агентии мазкур назоратро ҷиддӣ ба роҳ монанд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**СЕМИНАР – МАШВАРАТ**

# Вохӯрии судманд

**14 марти соли 2019 дар Маркази савдои «Ховарон»-и ноҳияи Шоҳмансур бо иштироки соҳибкорон ва кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент семинар-машварат баргузор гардид.**

Дар семинар-машварат нахуст сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Илҳом Муродҳусейнов баромад карда, андозсупорандагонро бо мавзӯи баррасишаванда шинос кард. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки дар асоси бандҳои 5 ва 6 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 ва аз 25.01.2017, №45 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» таҳия гардида, андозаҳои пардохт барои патент аз рӯи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ тибқи патент, мутобиқ ба маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, бо дарназардошти сатҳи таваррум андозаҳои пардохт барои патент индексатсия мешавад.

Мавсуф, инчунин, қайд кард, ки мақсад аз қабули ин санади меъёрии ҳуқуқӣ, муайян ва мутобиқ кардани меъёрҳои пардохт барои патент дар вобастагӣ бо сатҳи таваррум барои соли гузашта (2018) буда, ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани андозҳои патент ва дар ин замина, бо дарназардошти натиҷаҳои молиявии соли ҳисоботӣ таъмин намудани воридоти иловагии маблағҳо аз ин ҳисоб, иборат мебошад. Санади меъёрии ҳуқуқии мазкур имконият медиҳад, ки маблағҳои пардохти патент дар робита бо рушди иқтисод ва иқтидори андозии ҷумҳурӣ муайян шуда, бо ин роҳ андозаҳои пардохти патент дар миқёси ҷумҳурӣ тавассути коэффитсиентҳои минтақавӣ танзим мешавад.

Баъдан, сармутахассиси шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Душанбе Шаҳноза Бойназарова суханронӣ карда, аз ҷумла гуфт:

- Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи муқаррароти банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.08.2013, №361 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451» Фармоиши якҷояи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба индексатсияи андозаҳои пардохт барои патент» аз 28 январи соли 2019, №15 ва №1-ф, ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2019, №735 «в» ба қайд гирифта шудааст, барои иҷро ба мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ирсол намуда буд. Ҳаҷми маблағи андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ, ки дар асоси патент пардохта мешаванд, тибқи тартиби муқарраршуда бо дарназардошти сатҳи таваррум дар соли 2018-ум 5,4 фоиз индексатсия шуда, аз моҳи феврали соли 2019 мавриди амал қарор гирифтааст.

Шаҳноза Бойназарова афзуд, ки мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор шудаанд, ки шурӯъ аз моҳи феврали соли 2019 нисбат ба соҳибкорони инфиродие, ки бо патент фаъолият мекунанд, меъёрҳои дар асоси Фармоиши муштарак тасдиқшударо бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ татбиқ намоянд.

Минбаъд меъёри андози иҷтимоии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда, новобаста аз даромади бадастомада, набояд аз ҳадди баландтарини андози иҷтимоӣ барои патент, яъне 124,0 сомонӣ кам бошад. Андозаи андози иҷтимоӣ барои соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, бо дарназардошти коэффитсиентҳои минтақавӣ муайян мешавад.

Дар интиҳо, кормандони мақомоти андоз ба суолҳои андозсупорандагон вобаста ба мавзӯи муҳокимашуда ҷавобҳои мушаххас доданд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Риояи талаботи баҳисобгирӣ

**Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда ташкил кардани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, назорати риояи қонунгузорӣ аз ҷониби онҳо ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ дар ҳудуди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе санҷиши амалиётӣ анҷом дод.**

Вобаста ба ин, тавре аз Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, Гурӯҳи корӣ бо андозсупорандагони ҶДММ “Султони Кабир”, Маркази савдои “Хуросон” ва кӯчаи Қаҳҳорови ноҳияи Фирдавсӣ доир ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда, аҳамияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди моли ба фурӯшбаровардашуда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Дар натиҷа, ба иттилои манбаъ, нисбати 48 адад субъекти соҳибкории хурд барои таъмин накардани баҳисобгирии муҳосибӣ бо дастраси қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 255,1 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, пардохти 118,9 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардид. Инчунин, дар натиҷаи таҳлил ва муқоисаи ҳуҷҷатҳои авалияи муҳосибӣ бо нишондиҳандаҳои эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон ба маблағи 5465,4 ҳазор сомонӣ кам нишон додани даромадҳои андозбандишаванда дар ҳисоботи андозӣ ошкор шуд ва дар фаъолияти онҳо ба маблағи 366,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардида, аз андозсупорандагон эъломияҳои иловагии андоз ҳам гирифта шудааст.

Ғайр аз ин, нисбати 4 адад андозсупоранда, ки ҳангоми таҳвили мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба харидорон ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намекарданд, бо пешниҳоди Гурӯҳи корӣ тибқи талаботи моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 103,3 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ гардид. Инчунин, нисбати 14 нафар шахси воқеӣ, барои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан, бо дастраси моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 23,1 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб ёфтанд.

Роҳбари Гурӯҳи корӣ – сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон гуфт, ки бо вуҷуди гузаронидани семинар – машваратҳои омӯзишӣ ва суҳбату вохӯриҳо бо андозсупорандагон, ҳанӯз ҳам чуноне ба чашм мерасад, фарҳанги андозии субъектҳои хоҷагидори дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Чунки аз ҷониби баъзеи онҳо одитарин тартиби пешбурди ҳисобот ба баҳисобгирӣ, аз ҷумла ҷамъоварӣ ба нигоҳдории ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ (борхат, ҳисобнома -фактураҳои ААИ ва эъломияҳои гумрукӣ) риоя намегардад. Аз ин хотир, Гурӯҳи корӣ самти фаъолияти худро бештар ба корҳои фаҳмондадиҳӣ равона карда, бо андозсупорандагони зикршуда доир ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла аҳамияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди моли ба фурӯш гузошташуда дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Номбурда, ҳамчунин, гуфт, ки на ҳамаи субъектҳои хоҷагидор баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин кардаанд. Чунки онҳо ҳангоми санҷиш ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди моли бафурӯшбаровардаи худро натавонистанд ба Гурӯҳи корӣ пешниҳод кунанд. Масалан, соҳибкори инфиродӣ Шоира Бахриева, ки ба хариду фурӯши қолинҳо машғул буд, дар фаъолияташ тартиби баҳисобгирии муҳосибиро умуман риоя накардааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ бо дастраси қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 11000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ гардид. Маблағи ҷарима ба буҷет таъмин шуд.

Ба ҳамин монанд, Баҳрулло Исматуллоев, ки ба хариду фурӯши қисмҳои эҳтиётӣ машғул буд, дар фаъолияташ тартиби баҳисобгирии муҳосибиро таъмин накардааст. Аз ин хотир,



Гурӯҳи корӣ нисбати Б. Исматуллоев бо дастраси қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 8250 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин кард ва маблағи ҷарима ба буҷети мамлакат таъмин гардид. Инчунин, дар рафти фаъолият аз ҷониби Гурӯҳи корӣ барои таъмин накардани баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди “Артел Душанбе”, “Восток Фарм”, “Азизи Аср” ва соҳибкорони инфиродӣ А. Ширинов, Ҳ. Зоғакова, С. Неъматуллоев, Х. Ибрагимова ва З. Ҳомидов ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуд.

Ба гуфтаи Ҷомии Абдураҳмон вобаста ба мушкилоти ҷойдошта баъзе андозсупорандагон иқрор шудаанд, ки ҳангоми харидорӣ намудани молу маҳсулот аз субъектҳои хоҷагидоре, ки ба онҳо молу маҳсулотро пешниҳод менамоянд, ба хотири ошкор нашудани даромади воқеиашон аз додани ҳуҷҷатҳои хариди мол худдорӣ менамоянд ва дар сурати талаб намудани ҳуҷҷат ё худ ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда ин гурӯҳи андозсупорандагон ҳамкориро бо онҳо қатъ хоҳанд кард.

Ғайр аз ин, Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият дар натиҷаи муқоисаи нишондиҳандаҳои эъломияҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагон бо бақияи молҳои дар дуконҳо ва анборҳои андозсупорандагон мавҷудбуда ва дигар ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ дар фаъолияти 30 адад андозсупоранда ба маблағи 6115,0 ҳазор сомонӣ кам нишон додани манбаъҳои андозбандишаванда ошкор шуда, дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи 366,9 ҳазор сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардид.

Масалан, ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ дар ҶДММ “Шинос”, ки ба хариду фурӯш ва таъминот машғул буд, маълум гардид, ки ҷамъият дар давраи соли 2018 ба маблағи 248,8 ҳазор сомонӣ молу маҳсулотро аз соҳибкорони бозори Фаровон харидорӣ карда, тибқи тартиби муқарраргардида талаботи баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин накардааст. Дар баробари ин, ҳангоми баррасии ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ ва санадҳои бақияи мол муайян шуд, ки андозсупоранда даромади андозбандишавандаи худро дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодааст. Гурӯҳи корӣ дар ин самт бо роҳбарияти ҷамъият корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, аз ҳисоби дар ҳисоботи андозӣ пурра нишон надодани даромади андозбандишаванда дар фаъолияти ҷамъият ба маблағи 14928 сомонӣ андози низоми содакардашуда барилова ҳисоб намуд. Ҳамзамон, нисбати ҷамъият тибқи талаботи қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқукувайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 8250 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин шуда, маблағи зикршуда ба буҷет таъмин гардид.

Мисоли дигар. ҶДММ “Шамс Мебел” ҳамчун андозсупоранда тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ ба фурӯши мебел машғул буд. Ҳангоми баррасии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ муайян шуд, ки ҷамъият ба ҳолати 01.01.2018 дар тавозуни худ бақияи молу маҳсулотро дар ҳаҷми 540000 сомонӣ нишон додааст. Аммо ҳангоми таҳлили фаъолият ва азназаргузаронии маҳалли фаъолияти андозсупоранда муайян шуд, ки дар анбори ҷамъият дар асл бақияи молу маҳсулот нисбат ба нишондиҳандаи воқеӣ дар ҳаҷми 166750 сомонӣ кам мебошад. Вобаста ба ин, дар фаъолияти ҷамъият ба маблағи 10005 сомонӣ андози низоми содакардашуда ҳисоб гардид.

Илова бар ин, дар рафти санҷиши амалиётӣ аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ҳолатҳои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян ва ошкор шуд. Дар натиҷа, ҳолатҳои ошкоргардида пешгирӣ гардида, тибқи талаботи қонунгузории андоз нисбати онҳо чораҷӯӣ карда шуд. Масалан, шахси воқеӣ Саидшо Завайдзода дар маркази савдо “Хуросон”, воқеъ дар кӯчаи Н. Қарабоев 52, бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти хариду фурӯши мебелҳо машғул буд. Дар натиҷа, нисбати ӯ тибқи талаботи моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 1650 сомонӣ протоколи маъмурӣ тартиб ёфта, пардохти маблағи ҷарима ба буҷет таъмин гардид.

Ҳамчунин, шахси воқеӣ Сиёвуш Зарипов дар кӯчаи Н. Қарабоев 92/2 бе қайд дар мақомоти андоз ба фурӯши доруворӣ машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ тибқи табалоти моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 2200 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ таъин гардид ва маблағи ҷарима ба буҷет таъмин шуд.

**Аз ин рӯ, субъектҳои хоҷагидорро зарур аст, ки дар фаъолияти худ тартиби баҳисобгирии муҳосибиро дуруст риоя кунанд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд. Зеро, чуноне дар урфият гуфтаанд: “Ҳар амалеро подошест”!**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Неймар подозревается в уклонении от уплаты налогов в Испании

**Испанские налоговые власти подозревают нападающего «Пари Сен-Жермен» и сборной Бразилии Неймара в финансовых махинациях, сообщает Mundo Deportivo.**

По информации источника, расследование ведётся вокруг продления контракта бразильского форварда с «Барселоной» и последующего перехода во французский клуб в 2017 году. В Испании подозревают, что Неймар мог намеренно скрыть часть доходов при совершении вышеперечисленных сделок. В ближайшее время бразильский нападающий обязан явиться в Каталонию и предстать перед испанскими налоговыми органами с объяснением по данному делу.

Неймар выступал в «Барселоне» с 2013 по 2017 год. Позже бразильский футболист перешёл в «ПСЖ», где выступает по сей день. В нынешнем сезоне Неймар принял участие в 13 матчах за французский клуб в Лиге 1, забил 13 голов и отдал 7 результативных передач.



**https://sportmail.ru**

**- Нозироти андоз дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин моҳи феврали соли 2019 нақшаи андозҳоро ба андозаи 106 фоиз таъмин кард. Ба ҷойи 686 ҳазор сомонии пешбинишуда, ба буҷет 731 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 45 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад,** - гуфт сардори Нозироти андози ноҳияи Шамсиддин Шоҳин Юнус Кабиров.

# Коҳишёбии бақияи андоз

Зикр гардид, ки моҳи феврали соли ҷорӣ бо мақсади сари вақт пардохт намудани маблағи андоз ва бақияпулиҳо аз тарафи мутахассисони андози ноҳия дар Ҷамоати деҳоти Чагам миёни сокинон ва роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ ду маротиба семинар-машварат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба роҳ монда шуд. Дар ин давра, аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ 26 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз кам шуд.

Ҳамчунин, қайд гардид, ки яке аз омилҳои ташвишовар ин бақияпулиҳои қарзи андоз аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ мебошад. Бақияпулиҳои қарзи андоз ба санаи 1-уми феврали соли 2019 дар ноҳия 3 млн. сомониро ташкил медиҳад. Кормандони нозироти андози ноҳия ҷиҳати кам кардани бақияпулиҳои андоз ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои андозсупорандагон дар 7 ҷамоати деҳоти ноҳия корҳои фаҳмондадиҳиро миёни аҳолӣ ба роҳ монда истодаанд. Ҳамин аст, ки дар ин давра маблағи 200 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои қарзи андоз кам шудаанд. Феълан, яке аз корхонаҳои калонтарине, ки дар ноҳия ба истеҳсол ва фурӯши ангиштсанг машғул аст, Корхонаи ангишт мебошад, ки дар назди буҷет ба маблағи 400 ҳазор сомонӣ бақияи қарзи андоз дорад. Кооперативи тиҷоратии ба номи «Изатулло Шарипов» низ аз ҳамин қабил қарздорон аст, ки 150 ҳазор сомонӣ аз буҷети давлатӣ қарздор аст.

Ҳоло дар ноҳия 2230 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуда, ҳамчун андозсупоранда фаъолият мекунанд. Соли гузашта дар ноҳия 137 адад хоҷагии деҳқонӣ ба қайди давлатӣ гирифта шуд. Аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ зиёда аз 12 ҳазор сомонӣ маблағи андоз ворид гардид. Дар ноҳия 188 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда ва 48 нафар соҳибкори тибқи шаҳодатнома амалкунада ба қайд гирифта шудаанд. Шумораи соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 адад зиёд мебошад. Танҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патенту шаҳодатнома фаъолияткунанда ва хоҷгиҳои деҳқонӣ соли сипаригардида 1048725 ҳазор сомонӣ ба буҷети ҷумҳурӣ ворид гардидааст.

Кормандони мақомоти андози ноҳия соли равон ҳангоми гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон як қатор ҳуқуқвайронкуниҳои андозиро ошкор намуданд. Дар асоси талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 8 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ва аз маблағи зикршуда 7500 сомонии он пурра ба буҷети давлатӣ пардохт гардид.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**






# Набзи нозироти андоз

**Мақомоти андози мамлакат вазифаи муҳиму пурмасъулияти таъмини ҷамъоварӣ ва ба буҷет ворид кардани андозҳоро ба зимма доранд. Вазифаи мазкурро онҳо чӣ гуна иҷро менамоянд ва кадом масъалаҳо барои иҷрои вазифаҳояшон монеа мегарданд? Дар мақолаи зерин перомуни ҳамин масъалаҳо дар Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод гуфтугӯ мекунем.**



## Ваъзи бақайдгирӣ

Бахши соҳибкорӣ дар солҳои охир дар кишвар тавре ба назар мерасад, рушд карда истодааст. Аз ин ҳисоб ба хазинаи давлат ҳамасола маблағҳои зиёд ворид мегардад. Мутаассифона, дар ҳоли ҳозир на ҳамаи соҳибкорон бахусус дар ноҳияи Файзобод бо патент ва ё шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъминанд.

Аз бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод ба мо иттилоъ доданд, ки ба ҳолати 1 январи соли равон дар ноҳия 4623 нафар андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 390 адади онро шахси ҳуқуқӣ, 410 нафарро соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ташкил медиҳад. Соҳибкорони инфиродии тариқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 293 ададро фаро мегирад. Хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқии дар қайдбуда ба 3530 адад расидаанд.

Бояд зикр кард, ки чунин нишондиҳанда дар соли 2018 шумораи камтарро фарогир буд. Яъне ба ҳолати 1 январи соли гузашта, тибқи маълумоти бадастомада, дар нозироти андози ноҳия 4372 адад андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 391 шахси ҳуқуқӣ, 385 адад соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда, 279 адад соҳибкори тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 3317 адад хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқиро ташкил додаанд.

Бо овардани арқоми мазкур дарк намудем, ки бо вуҷуди аз қайд баровардани як қатор соҳибкорон, ҷои онҳоро соҳибкорони нав ба қайдгирифташуда пурра намудаанд. Аз ин ҷост, ки дар ноҳияи Файзобод, дар маҷмӯъ, шумораи соҳибкорони бақайдгирифташуда нисбати соли гузашта дар ҳоли афзоиш аст.

## Бақияпулиҳои андоз кам мегарданд

Қарзи андозҳо дер боз масъалаи ташвишовар боқӣ мондааст. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бобати ситонидани бақияпулиҳои андоз пайваста чораандешӣ менамояд.

Дар ноҳияи Файзобод бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати аввали соли ҷорӣ аз ҳисоби 423 андозсупоранда 965400 сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 77284 сомонӣ кам шудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки нозирони андози ноҳия оид ба кам кардани бақияи қарзи андозҳо фаъолияташонро беҳтар кардаанд.

Сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод Лутфулло Ализода қайд намуд, ки дар самти ситонидани қарзи андозҳо тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 441 андозсупоранда ба маблағи 2 млн. 005971 сомонӣ огоҳинома супорида шуд. Дар ин давра аз ин маблағ 1 млн. 938700 сомонӣ ба буҷет ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд аст.

Дар давраи ҳисоботӣ оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 11 нафар андозсупоранда аз тарафи Кумитаи андоз 28 қарор қабул гардид, ки маблағи он 1 млн. 857100 сомониро ташкил медиҳад, ин шумора 19 адад қарор пурра ва 3 адад қисман ба иҷро расонида шуд, ки маблағи он 1 млн. 210700 сомониро ташкил додаанд ва он ба буҷет ворид карда шуд.

Лутфулло Ализода, инчунин, зикр намуд, ки соли гузашта аз тарафи кормандони нозироти андоз нисбати 190 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 187332 сомонӣ ҷарима шуданд. Аз ин маблағ ба буҷет 149762 сомонӣ пардохт гардидааст. Шумораи протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии тартибдодашуда дар соли 2018 нисбати ҳамин давраи соли 2017 дар ҳаҷми 14 адад зиёд мебошад.

## Санҷиши андозҳо

- Кормандони нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод мувофиқи нақша дар як қатор корхонаҳо санҷишҳои андозӣ гузарониданд. Аз он ҷумла, аз тарафи кормандони Бахши санҷиши андозҳо дар соли сипаришуда нисбати 21 адад андозсупоранда муоинаи хронометражӣ гузарониданд, - мегӯяд муовини сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод Салоҳиддин Шарифов. - Маблағи зиёдкардашудаи манбаи андозҳо 131210 сомониро ташкил намудааст, ки ба ҳар андозсупоранда 6248 сомонӣ рост меояд. Маблағи андоз аз манбаи иловагии ошкоргардида 7873 сомониро ташкил медиҳад.

Шумораи муоинаҳои хронометражии гузаронидашуда дар қиёс нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2 адад зиёд мебошад. Дар раванди муоинаи хронометражии гузаронидашуда ба 6 андозсупоранда МНХ-и дорои хотираи фискалӣ насб шуда, шумораи коргари кироя 5 нафар зиёд гардид. Барои риоя накардани қонунгузории андоз нисбати 2 нафар андозсупоранда тибқи талаботи моддаи 614 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд.

Инчунин, нисбати 49 андозсупоранда санҷиши маҷмӯии андоз гузаронида шуда дар натиҷа, ба маблағи 116366 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб гардид, ки ба ҳисоби миёна ба ҳар як андозсупоранда ба маблағи 2375 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисобкардашуда рост меояд. Нисбати ҳамин давраи соли гузашта шумораи санҷишҳои маҷмӯӣ 52 адад кам ва маблағи андозҳои иловагӣ ҳисобкардашуда 36240 сомонӣ зиёд аст.

Аз ҳисоби санҷишҳои гузаронидашуда нисбати 24 нафар андозсупоранда протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шудааст, ки маблағи ҷаримаи ҳисобкардашуда 17267 сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра мутахассисони мақомоти андоз дар 12 нуқта санҷишҳои амалиётӣ гузаронида, нисбати 39 нафар андозсупоранда протоколҳои маъмурӣ тартиб додаанд. Маблағи ҷаримаи ҳисобкардашуда 64822 сомониро ташкил дода, он ба буҷет пурра ворид гардонида шуд.

**Тоҷиниссои ЗАЙНИДДИН**

# Тадбирандешиҳо

**Чанде пештар ҷаласаи кории назди муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он масъалаи бақияи қарзи андозҳо ва ҳолати ҳисобу пардохти андозҳои корхонахои тобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» баррасӣ шуд.**



Дар ҷаласа сардорон ва муовинони сардорони як қатор раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, роҳбарияти КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва сарварону сармуҳосибони корхонаҳои тобеи он дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат иштирок доштанд.

Ҷаласаро муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Султон оғоз намуд. Ӯ аз ҷумла қайд кард, ки масъалаи бақияи қарзи андозҳо имрӯз яке аз масъалаҳои ташвишовар гардидааст. Таъкид шуд, ки новобаста аз ҷаласаҳои баргузоргардида, мактубҳои ба КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ва корхонаҳои дар қайди он ирсолшуда, дар самти пардохт намудани бақияи қарзи андозҳо, сари вақт ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо, дуруст нишон додани музди меҳнат ва шумораи кормандон,дар ҳисоботи андозӣ ва оморӣ нишон додани хароҷоти беасос, ҳоло ҳам камбудиҳо ба назар мерасанд.

Баъдан, сардори Раёсати ситонидани қарзи андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зокир Қурбонов сухан карда гуфт, ки бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба санаи 1 январи соли 2019-ум 23,6 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли 2018 ба андозаи 2,7 млн. сомонӣ зиёд гардидааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Маблағи қарзи корхонаҳои КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб 2266,4 ҳазор сомонӣ ва КФД ИМ шаҳри Кӯлоб 179,8 ҳазор сомонӣ, КДФ “Обу канализатсияи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналии Данғара” 1492,9 ҳазор сомонӣ, КВД “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и ноҳияи Восеъ 533,2 ҳазор сомонӣ, КВД “Хоҷагии манзилии коммуналӣ” - и шаҳру ноҳияҳои Абдураҳмони Ҷомӣ 253,5 ҳазор сомонӣ, Шаҳритус 333,6 ҳазор сомонӣ, Темурмалик 329,9 ҳазор сомонӣ, Панҷ 361,3 ҳазор сомонӣ, Истиқлол 458,2 ҳазор сомонӣ, Истаравшан 643,5 ҳазор сомонӣ, Панҷакент 3237,2 ҳазор сомонӣ ва Исфара 8171,4 ҳазор сомониро ташкил менамояд.

Чуноне дар ҷаласа зикр шуд, бо мақсади самаранок фаъолият намудани корхонаҳои тобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 декабри соли 2015, №754 корхонаҳои давлатии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор, КФ “Обу канализатсия”-и ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, КФД “Обтаъминкунии канализатсия ва гармидиҳӣ”- и шаҳри Ваҳдат дар шакли муттаҳидсозӣ аз нав ташкил шуда, КФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и ШНТҶ таъсис дода шудааст.

Сарфи назар аз муттахид гардидани корхонаҳои мазкур, бақияи карзи андозҳои КФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и ШНТҶ, ба санаи 1 январи соли 2019 маблағи 915,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба санаи 1 январи соли 2018 ба андозаи 218,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Инчунин, ҷиҳати солимгардонӣ ва дастгирии молиявии корхонаҳои зертобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2017 таҳти №269 муҳлати пардохти қарзи андози корхонаи мазкур ба маблағи 2 198,4 ҳазор сомонӣ ба муҳлати 3 сол ба таъхир гузошта шуд.

Тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андоз дар асоси муроҷиатҳои корхонаҳои тобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” давоми солҳои 2017-2018-ум оиди давра ба давра пардохт намудани маблағи қарзи андозҳо созишнома ба имзо расонида шуд. Дар ин асос чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати онҳо боздошт гардид. Аммо, аз ҷониби КФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсия”-и ШНТҶ, талаботи созишномаҳои мазкур ба таври дахлдор иҷро нашудаанд. Мувофики қарори зикргардида корхонаҳои давлатии обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳрҳои Исфара, Конибодом, Истиқлол, Гулистон, Бӯстон, ва ноҳияҳои Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов, Ашт ва КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ”-и ноҳияи Мастчоҳ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ дар шакли муттаҳидшавӣ, КФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд” санаи 14 январи соли 2016 таъсис шудааст.

Ҳамзамон қайд гардид, ки ба санаи 1 январи соли 2019 бақияи карзи андози КФ “Обтаъминкунӣ ва канализатсияи шаҳру нохияхои минтақаи 1 вилояти Суғд” 1437,7 ҳазор сомониро ташкил намудааст, ки нисбат ба санаи 1 январи соли 2018 ба андозаи 171,0 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

Сарфи назар аз дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андоз нисбати соҳаи мазкур, ҳоло ҳам корхонаҳои тобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” иҷрои ӯҳдадории андозии худро дар назди давлат ба таври дахлдор таъмин наменамоянд, ки боиси рӯз аз рӯз зиёд гардидани бақияи қарзи андозҳо гардида истодааст.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, муовини сардори Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаҳонгир Рабиев сухан ронда, қайд кард, ки тибқи маълумоти дастрасгардида Корхонаи истифодабарии оби нӯшокии деҳоти ноҳияи Кушониён дар соли 2017 дар ҳисоботи Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ шумораи кормандони кироаи худро 94 нафар ва фонди музди меҳнатро 764,0 ҳазор сомонӣ нишон додааст. Аммо дар ҳисоботи андозӣ шумораи кормандони корхона 18 нафар ва фонди музди меҳнат 123,9 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

Сипас, муовини директори генералии КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” Б.Сафарзода баромад намуда, баргузории чунин ҷаласаҳо ва ҳамкории мақомоти андозро бо КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” мувофиқи мақсад шуморид. Инчунин, кайд намуд, ки роҳбарият ва корхонаҳои тобеи КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷиҳати пардохти саривақтии маблағҳои ҳисобшуда ва давра ба давра кам намудани бақияи қарзи андозҳо чораҳои зарурӣ меандешанд.

Ҳамзамон, мавсуф ҷиҳати проблемаҳои ҷойдоштаи соҳа, аз қабили доштани қарзҳои дебиторӣ, аз ҳисоби хизматрасонӣ ба шахсони имтиёздор аз буҷет кам ҷудо гардидани маблағҳо, аз тарафи ташкилот ва муассисаҳое, ки фаъолияташон аз ҳисоби буҷети ҳамаи соҳаҳо маблағгузорӣ мешавад, сари вакт пардохт накардани ҳақи хизматрасониҳои корхонаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия сухан ронд.

Дар охир кайд гардид, ки мақсад аз баргузории ҷаласа ба шахсони мутасаддии КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” расонидани муҳимияти риояи қонунгузории андоз дар самти пардохти андозҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мебошад. Таъкид шуд, ки иҷрои вазифаҳою ӯҳдадориҳо ҳар яки мо ғанӣ гардонидани буҷети давлат, ҳамзамон, бартараф кардани проблемаҳои ҷойдошта ва таъмини саривақтии андозҳо аст.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Во Франции ввели новый налог для технологических корпораций

### Это позволит пополнить казну на 400 млн евро в 2019 г., к 2022 г. эта сумма вырастет до 650 млн евро

Франция ввела 3%-ный цифровой налог на местные доходы технологических корпораций, пишет газета «Ведомости» со ссылкой на The Wall Street Journal. Власти страны начнут взимать его задним числом с начала 2019 г. с компаний, чья выручка в мире составляет более 750 млн евро, а во Франции — 25 млн евро. По расчетам французского правительства, это позволит пополнить казну на 400 млн евро в 2019 г., к 2022 г. эта сумма вырастет до 650 млн евро.

Как и другие европейские страны, Франция недовольна тем, что технологические гиганты (Google, Facebook и другие) используют различные схемы для перевода прибыли в юрисдикции с низкими налогами. Данный налог должен увеличить давление на США, пока ОЭСР проводит консультации о реформе налогообложения технологических гигантов, сообщает WSJ. Власти США не хотят, чтобы меры касались исключительно технологических компаний, и предлагает сосредоточиться на маркетинговых расходах компаний за границей. ОЭСР надеется прийти к соглашению к концу следующего года. Власти Франции обещают отменить цифровой налог, когда это произойдет.

**http://taxpravo.ru**



# Тартиби пешниҳоди электронии ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирӣ

**14 октябри соли 2017 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо соҳибкорону сармоягузорон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуда буданд, ки бо мақсади коҳиш додани хароҷоти субектҳои хоҷагидор ба тариқи электронӣ ба роҳ мондани қабули ҳуҷҷатҳоро ҷиҳати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ то санаи 1 январи соли 2018 таҳия ва ҷорӣ намоянд.**



Бо мақсади иҷрои дастури Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия гардида, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ҷойгир карда шудааст.

Тавре сардори Раёсати бақайдгирии андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон МЭЛС Меликов гуфт, тибқи модули нави зикргардида, андозсупорандагон аз 1 январи соли 2018 сар карда имконият пайдо карданд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо тартиби электронӣ ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ бемонеа пешниҳод намоянд.

Мавсуф зикр намуд, ки барои истифода кардани тартиби мазкур андозсупорандагонро зарур аст, ки худро дар портали электронии Кумитаи андоз ба сифати истифодабарандаи барномаи мазкур ба қайд гиранд. Бо ин мақсад, онҳо ба сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии http://andoz.tj ворид гардида, қисмати "пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ"-ро интихоб менамоянд. Дар равзанаи кушодашуда нуқтаи ишорашударо интихоб намуда, ворид мешаванд ва маълумоти шиносномавии худро дохил карда, баъдан, бо илова кардани нусхаи шиноснома ва акси худ ирсол менамоянд.

Дар сурати дурустии маълумоти тариқи электронӣ пешниҳодшуда, маълумот аз тарафи Кумитаи андоз тасдиқ ва бо тариқи СМС-хабар ба телефони мобилии андозсупоранда Рамзи махфӣ равон карда мешавад ва андозсупоранда дар портали электронии Кумитаи андоз ба таври доимӣ ба қайд гирифта мешавад. Рамзи махфии додашуда доимӣ буда, барои ворид гардидан ба портали электронии Кумитаи андоз истифода мегардад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои истифодаи рамзи махфии зикршуда аз ҷониби шахсони дигар дар барномаи мазкур, инчунин, истифодаи рамзи муваққатӣ пешбинӣ гардидааст, ки чунин рамз низ бо тартиби СМС – хабар, барои ҳар як маротибаи истифода кардани барнома ва ворид гардидан ба утоқи шахсии андозсупоранда аз ҷониби Кумитаи андоз ба телефони мобилии истифодабаранда ирсол мешавад.

Андозсупорандагон бо истифода аз рамзҳои мазкур ва ворид намудани Рақами мушаххаси андозсупоранда ба утоқи шахсии худ ворид гардида, дар қисмати "Бақайдгирии давлатӣ" гузаронидани амали бақайдгирии барояшон заруриро интихоб мекунанд. Яъне, агар тибқи патент фаъолият карданӣ бошанд, патентро, агар тибқи шаҳодатнома ба фаъолият машғул гардиданӣ бошанд, шаҳодатномаро ва ё агар шахси ҳуқуқӣ таъсис доданӣ бошанд, шахси ҳуқуқиро интихоб менамоянд.

Баъди интихоб намудани яке аз шаклҳои бақайдгирии давлатӣ ба андозсупорандагон шакли аризаи тасдиқшуда дар равзана кушода мешавад. Андозсупорандагонро зарур аст, ки ҳамаи қисматҳои аризаро пур намуда, дар қисми забонхат ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшавандаро нусхабардорӣ (сканер) ва нусхаи онҳоро ба барнома ворид намоянд ва маҳалли фаъолияти соҳибкории худро интихоб карда, ҳуҷҷатҳо ва аризаро ба Бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ ирсол намоянд. Бояд қайд намуд, ки номгӯйи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гузаронидани ҳар як амали бақайдгирии давлатӣ дар алоҳидагӣ дар барнома нишон дода шудааст. Баъд аз равон намудани ҳуҷҷатҳо, аз ҷониби андозсупорандагон ба таври автоматикӣ оид ба номгӯйи ҳуҷҷатҳои ирсолнамудаашон дар шакли хаттӣ забонхат дода мешавад, ки метавонанд онро нашр карда гиранд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ ҳамарӯза аз ҷониби Бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ мешавад. Дар сурати дуруст ва пурра пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо, аз тарафи Бахши бақайдгирии давлатӣ ба телефони мобилии андозсупорандагон СМС-хабар ирсол гардида, хабар дода мешавад, ки ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи онҳо дуруст мебошад ва барои бақайдгирии давлатӣ субъекти хоҷагидор қабул шуда, муроҷиаткунанда метавонад пас аз 2 рӯзи корӣ барои гирифтани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи фаъолияти соҳибкории худ ба Бахши бақайдгирии давлатии дахлдор ҳозир шавад.

Барои гирифтани ҳуҷҷати соҳибкории худ аризадиҳандаро зарур аст, ки шиноснома ва нусхаи аслии ҳуҷҷатҳои ба таври электронӣ ирсолнамудаи худро ба Бахши бақайдгирии маҳалли фаъолияти худ супоранд ва шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкории худро дастрас намоянд.

Бояд қайд намуд, ки номгӯйи маълумот ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муқаррар шудааст.

Дар ҳолатҳое, ки ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зарурӣ аз ҷониби андозсупорандагон ба таври нопурра ва ё нодуруст пешниҳод мешаванд, қабули ҳуҷҷатҳои ба таври электронӣ ирсолнамудаи андозсупоранда тибқи талаботи моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" рад карда шуда, дар ин хусус аз тарафи Бахши бақайдгирии давлатӣ ба утоқи шахсии андозсупоранда огоҳинома ва ба телефони мобилии он СМС-хабар равона мешавад ва камбудии ҷойдошта ба таври мушаххас дар огоҳиномаи мазкур дарҷ мегардад. Дар сурати гирифтани огоҳиномаи рад андозсупорандагон метавонанд камбудии дар огоҳинома зикргардидаро ислоҳ кунанд ва ҳуҷҷатҳоро дуруст ва пурра карда такроран тариқи электронӣ равон намоянд.

Аз ин рӯ, аз шаҳрвандон ва андозсупорандагон хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба бақайдгирии давлатӣ дар шакли электронӣ аҳамият диҳанд ва ҳуҷҷатҳоро дар шакли дуруст омода ва пешниҳод намоянд.

М. Меликов илова намуд, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ дар партави роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасмим гирифтааст, ки барои ба таври васеъ истифода гардидани тартиби нави ҷоришуда, онро боз ҳам такмил диҳад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон, инчунин, даъват ба амал оварда мешавад, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ гардидааст. Истифодаи дурусти тартиби мазкур ба шаҳрвандон ва сокинони ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки ҳангоми бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкории худ ва ё таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ҳамагӣ як маротиба, он ҳам барои гирифтани шаҳодатномаи аслии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳозир шаванд.

Дар ҳолатҳои пайдо шудани саволҳо ё таклифу пешниҳодҳо оид ба тарзи истифода кардани тартиби мазкур ва боз ҳам такмил додани он шаҳрвандон метавонанд бо рақами содакардашудаи телефонии "151" ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Нью-Йорк намерен модернизировать систему транспорта за счет налога на роскошь

**Плата за въезд на Манхэттен, которую планируют ввести не ранее декабря 2020 г., может принести в бюджет $15 млрд**

Власти штата Нью-Йорк собираются ввести налог для нерезидентов-владельцев роскошных объектов недвижимости, чтобы изыскать дополнительно $9 млрд на финансирование модернизации транспортной системы города Нью-Йорк, пишет ТАСС со ссылкой на агентство Bloomberg.

По оценкам директора бюджетного управления штата Роберта Маджика, плата за въезд на Манхэттен, которую планируют ввести не ранее декабря 2020 г., может принести в бюджет $15 млрд, налог на продажи в интернете — еще $5 млрд, легализация марихуаны в терапевтических целях — $2 млрд, а налог на роскошь для владельцев дорогой собственности, которые не проживают на постоянной основе в Нью-Йорке, — еще $9 млрд. «Но даже это не предотвратит нехватку средств в бюджете Транспортного управления Нью-Йорка, сверстанном в размере $40 млрд», — отметил глава бюджетного управления штата.

**http://taxpravo.ru**

# Ошкоршавии камбудиҳо

## дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ

**Бо мақсади пурра ба андозбандӣ ҷалб кардани амалиёти андозбандишаванда ва дуруст муайян намудани манбаъҳои андозбандишаванда, риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ», «Тартиби истифодабарии системаи содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҷиҳати дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд ташкил кардани пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва риояи қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда Гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе санҷиши амалиётӣ анҷом дод.**



Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият бо як қатор андозсупорандагони Бозори "Фаровон", КВД "Бозори Деҳқон" ва кӯчаи Ҷомии ноҳияи Сино доир ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда, аҳамияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди моли ба фурӯшбаровардашуда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронид.

Дар робита ба ин, роҳбари Гурӯҳи корӣ - сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳазратулло Абдувализода зикр кард, ки нисбати 28 адад субъекти соҳибкории хурд барои таъмин накардани баҳисобгирии муҳосибӣ бо дастрасии қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 231,0 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

Ба иттилои манбаъ, нисбати 4 адад андозсупорандае, ки дар низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекарданду ҳангоми таҳвили молҳо ба харидорон ва иҷрокунандагони кор ва хизматрасонӣ ҳисобнома - фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда пешниҳод накардаанд, мавод ҷамъоварӣ шуда, бо дастрасии моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи умумии 208,8 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб ёфта, 102,0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Натиҷаи фаъолияти Гурӯҳи корӣ дар ҳудуди ноҳияи Сино нишон дод, ки фарҳанги андозсупории субъектҳои хоҷагидоре, ки дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолият мекунанд, дар сатҳи паст қарор дошта, одитарин тартиби пешбурди ҳисобот ва баҳисобгирӣ аз ҷумла, ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ (борхат, ҳисобнома - фактураҳои ААИ ва эъломияҳои гумрукӣ) аз ҷониби онҳо риоя нагардидааст. Бо дарназардошт ин, Гурӯҳи корӣ самти фаъолияти худро бештар ба корҳои фаҳмондадиҳӣ равона карда, бо андозсупорандагони мазкур доир ба тартиби пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла аҳамияти ҳуҷҷати тасдиқкунандаи хариди моли ба фурӯшбаровардашуда дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда корҳои фаҳмондадиҳӣ гузарониданд.

Ҳазратулло Абдувализода афзуд, ки Гурӯҳи корӣ дар рафти фаъолият риояи талаботи қонунгузории андозро дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор итихобан мавриди баррасӣ қарор дод. Натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда ва корҳои назоратӣ дар ин самт нишон доданд, ки на ҳамаи субъектҳои хоҷагидор баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин кардаанд. Аз ин хотир, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди моли бафурӯшбаровардаи худро натавонистанд пешниҳод кунанд.

Масалан, соҳибкорони инфиродӣ Амирхон Бобоев, Абдумаҷид Хуҷаев ва Замира Мулоҷонова либосҳои мардона ва кӯдаконаро аз Ҷумҳурии Туркия ворид карда, ба хариду фурӯши он машғул буданд. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратӣ муайян шуд, ки соҳибкорони мазкур дар соли 2018 молҳои аз Ҷумҳурии Туркия ба қаламрави гумрукии Чумҳурии Тоҷикистон вориднамудаашонро ба номи ҶДММ "Умар 2015" ба расмиёти гумрукӣ даровардаанд, ки маблағи умумии амалиёт, дар маҷмӯъ, 1666,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат, ҶДММ "Умар 2015" ӯҳдадор буд, ки ба соҳибкорони зикршуда ҳисобнома - фактураи ААИ пешниҳод намояд, аммо ин амал анҷом наёфтааст. Дар натиҷа, нисбати ҶДММ "Умар 2015" бо дастрасии моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 150000 сомонӣ ҷарима татбиқ шуда, воридоти 62000 сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Мисоли дигар соҳибкори инфиродӣ Насим Файзуллоев аст, ки ба хариду фурӯши машруботи спиртӣ машғул мебошад. Номбурда дар фаъолияташ тартиби баҳисобгирии муҳосибиро таъмин накардааст. Мавсуф маҳсулотро аз ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуди "Мужда ЛТД-2016", "ЛВЗ Шоҳона", "Роҳи Ором", "Темур Ҷамҳур", "Парандис", "Сомеҳ" харидорӣ намудааст. Аммо аз ҷониби ҷамъиятҳои мазкур ба соҳибкор ягон ҳуҷҷати тасдиқкунандаи харид пешниҳод нашудааст. Аз ин рӯ, барои надоштани ҳуҷҷати хариди молҳои ба фурӯшгузошташуда нисбати соҳибкори инфиродӣ Н. Файзуллоев тибқи талаботи қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 8250 сомонӣ ҷарима таъин гардид. Ҳамзамон, барои пешниҳод накардани ҳисобнома – фактураҳои ААИ нисбати ҶДММ "Сомеҳ" ва ҶДММ "Роҳи Ором" бо дастрасии моддаи 606 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар маҷмӯъ, ба маблағи 28836 сомонӣ протокол тартиб дода шуд.

Ба ин монанд, ҶДММ "Абосиддин", ки ба хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум, техникаи маишӣ ва либосҳои мардона машғул буд, вобаста ба молҳои дар фурӯшгоҳбудааш ба Гурӯҳи корӣ ҳуҷҷатҳои тасдиққкунандаи хариди молро пешниҳод карда натавонист. Тибқи баёноти сармуҳосиб молҳо аз соҳибкорони бозорҳо харидорӣ шуда, онро ба фурӯш баровардааст. Бинобар ин, барои аз ҷониби ҷамъият риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ, дар асоси қисми 2 моддаи 599 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи 11000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуд.

Қобили қайд аст, ки дар суҳбат бо андозсупорандагон вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар ин самт, онҳо иқрор шуданд, ки ҳангоми харидорӣ намудани молу маҳсулот аз субъектҳои хоҷагидоре, ки ба онҳо молу маҳсулотро пешниҳод менамоянд, ба хотири муайян нагардидани даромади воқеиашон аз додани ҳуҷҷатҳои хариди мол худдорӣ менамоянд ва дар сурати талаб кардани ҳуҷҷат ё худ ҳисобнома – фактураи андоз аз арзиши иловашуда ин гурӯҳи андозсупорандагон ҳамкориро бо онҳо қатъ хоҳанд намуд.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ва ташкили дурусти кор аз андозсупорандагон ва субъектҳои хоҷагидор даъват ба амал оварда мешавад, ки баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад

**Чуноне ба мушоҳида мерасад, кормандони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани фарҳанги андозсупорандагон ва сари вақт огоҳ намудани онҳо аз тағйиру иловаҳои ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшуда ҳамарӯза бо соҳибкорон семинар-машваратҳо мегузаронад.**

Ҳамин гуна семинар-машварат чанде пеш бо иштироки намояндагони мақомоти андоз бо маъмурият ва соҳибкорони ҶДММ "Бозори Фаровон" баргузор гардид. Сараввал сардори шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе И. Муродҳусейнов дар бораи имтиёзҳо ва шароити фароҳамшуда ба соҳибкорон сухан кард.

Баъдан муовини сардори Раёсати бақайдгирии Кумитаи андоз оид ба масъалаи риояи тартиби бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ баромад карда, қайд намуд, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2013 таҳти №493 қоидаҳои гузаронидани бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст. Андозсупорандагон ҳам метавонанд тариқи электронӣ бақайдгирии давлатиро анҷом диҳанд. Ба андозсупорандагон фаҳмонда шуд, ки бе бақайдгирии давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ шудааст.

Сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон М. Ниёзов оид ба пешниҳоди дурусти эъломияҳо ва пардохти андозҳо суханронӣ намуда ёдрас шуд, ки аз моҳи майи соли 2018 сар карда Кумитаи андоз дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба тадбирҳои вусъат додани кортҳои пардохтии бонкӣ" аз 31 декабри соли 2014, таҳти №815 хизматрасонии эквайренгиро мавриди истифода қарор додааст. Номбурда таъкид кард, ки ҳолатҳое мешавад, ки ҳангоми мавриди истифода қарор додани тартиби мазкур, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба нишондиҳандаҳо аҳамият намедиҳанд, ки дар натиҷа дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон маблағҳои беасоси изофапулӣ ва бақияи қарзи андозҳо ба вуҷуд меоянд. Бо дарназардошти ҳолатҳои қайдгардида ва ҷиҳати ислоҳ намудани камбудию норасоиҳо, ба андозсупорандагон таъкид шуд, ки талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андозро оид ба дуруст тартиб додани санадҳои муқоисавӣ риоя намоянд.

И. Муродҳусейнов семинар-машваратро ҷамъбаст намуда, ба соҳибкорон минатдории роҳбарияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанберо расонид. Зикр шуд, ки мақомоти андоз ҳама вақт барои кумак ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон омода ҳастанд.

**Н. ЗОИРЗОДА**

# Терроризм – зуҳуроти нангин

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳоеро, ки ба сиёсати давлатии ҷавонон алоқаманданд, дар маркази диққат қарор додаасту барои дастгирии иқдомоти бунёдкоронаи ҷавонони мамлакат чораҳои заруриро пайваста амалӣ мегардонад. Ин, албатта, бесабаб нест, зеро ҷавонон нерӯи созанда, иқтидори воқеии пешрафти ҷомеа ва ояндаи миллату давлат ба ҳисоб мераванд ва саҳми онҳо дар рушди ҷомеа ва иштироки фаъолонаашон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодии кишвар хеле назаррас аст.**

Мутаассифона, имрӯз баъзе ҷавонон ба ҷои саъю талоши фаъолона кардан дар роҳи илму донишомӯзӣ ва ширкат дар корҳои созандагӣ ба амалҳои номатлубе, ба мисли шомил шудан ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ даст зада истодаанд, ки он амали хеле нангину шармовар аст. Гирифтани пеши роҳи ин раванди хатарнок ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани наврасону ҷавонон, дар ин ҳангом, вазифаи ҳам падару модарон, ҳам омӯзгорон ва ҳам ҳар як фарди солимфикри ҷомеа мебошад.

Мубориза бар зидди терроризм яке аз самтҳои асосии таъмини амнияти миллии мамлакат ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон терроризмро қотеъона маҳкум карда, аз талошҳои дастаҷамъонаи ҷомеаи башарӣ дар мубориза бар зидди ин падидаи марговар пуштибонӣ менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон маҳз дар ин робита чунин иброз карданд: **«Солҳои охир терроризм ва экстремизм ба хатари глобалӣ табдил ёфта, ҷаҳони муосирро ба ташвиш овардааст. Афзоиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ ва террористидошта ба вусъат ёфтани терроризми байналмилалӣ, фаъолшавии унсурҳои тундраву ифротгаро, ҷалби ҷавонон ба сафи созмонҳои экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ мусоидат менамояд».**

Терроризм ба унвони як зуҳуроти номатлуб аз худ қурбониҳои зиёди инсонӣ боқӣ гузошта, арзишҳои моддию маънавӣ ва фарҳангиро хароб месозад, ки наметавон онро ҳатто дар тӯли асрҳо барқарор намуд. Он дар байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва миллӣ бадбинию нобовариро тавлид месозад. Дар замони муосир терроризм барои гурӯҳҳои алоҳида усули ҳалли масоили мубрам, аз қабили проблемаҳои сиёсӣ, динӣ ва миллӣ гардидааст.

Яке аз самтҳои асосии мубориза бо зуҳуроти террористӣ ва экстремистӣ дар муҳити ҷамъиятӣ ин анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва амалҳои пешгирикунанда маҳсуб мешавад. Ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ, махсусан, дар байни ҷавонон хеле муҳим аст, чунки маҳз муҳити ҷавонон вобаста ба як қатор омилҳои объективӣ ва субъективӣ аз нигоҳи гироиш ба таъсироти номатлуби гурӯҳҳои гуногуни ҷиноятӣ хеле заиф мебошад.

Ҷавонон, ки аслан ба онҳо дар баҳогузорӣ ва фикррронӣ баландсолорӣ (максимализм) хос мебошад, аз ҷониби дигар, аз нигоҳи иҷтимоӣ ва равонӣ пурра ба воя нарасидаанд ва аксаран вобастаи афкору андешаи бегона мебошанд, метавонанд ба осонӣ ба доми идеяҳои радикалӣ афтида, дар ин ботлоқи бетаг ғутавар гарданд. Роҳбарони гурӯҳҳои экстремистӣ, бо дарназардошти ҳамин шароит, талош меварзанд, ки бо ваъдаҳои ҳалли осони проблемаҳо ҷавононро ба созмонҳои гуногуни худ ҷалб намоянд. Гурӯҳи алоҳидаи ҷавонон, аксаран, ҳатто фикр ҳам намекунанд, ки бо иштироки худ дар чунин созмону иттиҳодияҳо натанҳо мушкилоти мавҷудаи худро ҳал карда наметавонанд, балки мушкилиҳои зиёди дигарро барои худ эҷод намуда, аслан,ояндаи хешро нобуд месозанд.

Бояд гуфт, ки дар кори мубориза бар зидди зуҳуроти террористӣ ва экстремистӣ дар ҷомеа, ташаккули афкори муштараки ҷамъиятӣ ва мавқеи шаҳрвандии эҳтиромгузор ба қонун дар шароити зудрушдёбандаи ҷумҳурӣ васоити ахбори омма манбаи қавие мебошад, ки бо кӯмаки он афкори ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, ҷавононро дар рӯҳияи эҳтиром ба Ватану миллат, анъанаҳои миллӣ ва ҳифзи кишвари азиз тарбия менамояд. Васоити ахбори оммаи муосир нерӯи тавонои созандае мебошад, ки онро бояд баҳри беҳбудии шахсият, ҷомеа ва озодиҳои демократӣ, инҷунин алайҳи хатарҳои таҳдидкунандаи инсоният истифода намуд.

Татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар мамлакат барои омода гардидани ҷавонон баҳри ҳимояту пуштибонӣ аз Ватани маҳбуб, рушду пешрафти бештари кишвар ва бедорию зиракии онҳо имкон фароҳам хоҳад овард ва ҷавонон умеду бовари Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро амалӣ хоҳанд намуд, ки гуфтаанд: **«Ҷавонон бояд аз ҳама қишрҳои ҷомеа бештар фаъол бошанд, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои Истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд».**

Оре, ин дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат барои ҷавонон бояд сармашқи фаъолият бошад.

**Аниса ШАРИПОВА,**
**омӯзгори Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №77-и ноҳияи Фирдавсӣ**



## ПЕШНИҲОДИ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Муҳтарам шаҳрвандон! Хотиррасон менамоем:

**Шахсони воқеӣ - резидентҳо ва ғайрирезидентҳо уҳдадоранд, ки оид ба даромадҳои зерин, ки аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин резидентҳо берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ гирифта шудааст, дар манбаи пардохт андозбандӣ намешаванд ва ба меҳнати кироя мансуб нест:**

*- даромад аз иҷораи биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ ва дигар молу мулк;*
*- маблағи қарзи ба андозсупоранда бахшидаи қарздиҳанда;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ, ки аз 3 сол камтар ҷойи зисти (истиқомати) асосии андозсупоранда то бегона кардан қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши дигар объектҳои ғайриманқул (ба истиснои объектҳои ғайриманқули барои мақсадҳои соҳибкорӣ истифодашаванда), ки аз 2 сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда мешавад;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ядакҳо, ки аз як сол камтар то санаи бегона кардан дар моликияти андозсупоранда қарор дошта бошанд;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯхтан, додан, гузашт кардан ва дигар намуди бегонакунии саҳмияҳо ва ҳиссаҳои иштирок дар сармояи оинномавии корхонаҳо;*
*- афзоиши арзиш ҳангоми фурӯши моликияти қиматноки таърихӣ (антиквариат).*

**ТО 1-УМИ АПРЕЛИ БАЪДИ СОЛИ ҲИСОБОТӢ ЭЪЛОМИЯ ОИД БА АНДОЗ АЗ ДАРОМАДИ ШАХСОНИ ВОҚЕИРО МУСТАҚИЛОНА ПЕШНИҲОД НАМОЯНД**

**Маълумоти пурраро оид ба тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз даромади шахсони воқеӣ метавонед аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), Бахши иттилоотии «Контакт – сентр» (рақами телефонии 151) ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намоед.**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Ҷавонон-2017» (РМА 040052107) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Саймеҳтоҷ» (РМА 2910005368) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Хушбахти Тоир» (РЯМ 2910001005) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрд.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назарова Рухшона (РЯМ 0331340708) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Амиров Маҳмадалӣ (РЯМ 0330094701) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳалимов Аминҷон (РЯМ 0230043413) аз ноҳияи И.Сомонӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Наврузов Расул (РЯМ 1830026147) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Раҳимхон (РЯМ 1830045296) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии соҳибкори инфиродӣ Ашуров Низомиддин (РЯМ 0331234512) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мутайлифу Роузу (РЯМ 0330180565) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶСК «Истеҳсоли маҳсулоти оҳану бетони Сарбанд» (РЯМ 3910000784) аз шаҳри Левакант, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Холов Абдуҳамид (РЯМ 2830035753) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдужаборов Ҷонибек (РЯМ 2930065454) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобоев Абдураҳим (РЯМ 2930042455) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қаюмов Исломҷон (РЯМ 6330117402), аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юсуфзода Фирдавс (РЯМ 6230000288) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Яхёев Умедҷон (РЯМ 6230022884) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қодиров Мирбайзо (РЯМ 6230002525) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷомаҳмадова Мораҷаб (РЯМ 0930104771) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Назарова Шоиста (РЯМ 0930124452ё) аз шаҳри Ҳисор, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Наҷибуллои Назрулло» (РЯМ 2430019066) аз ноҳияи Муъминобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба КВД «Кино ва видеои вилояти Хатлон» (РЯМ 2810003616) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза оиди барҳам додан ва қатъ намудани фаъолияти соҳибкории андозсупорандагони зерин ба Суди иқтисодии шаҳри Душанбе муроҷиат намудааст.

Ҳамзамон, арзу шикоят ва дархостҳо нисбати субектони мазкур ба суроғаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Н. Қарабоев 42/2 ба Раёсати таъмини ҳуқуқӣ то санаи 25 апрели соли 2019 қабул карда мешавад.

**Замима: Номгӯи субектҳои барҳамдодашаванда 33 адад.**

| № | Номгуи субъектон | РМА/РЯМ | Нозирот |
|---|---|---|---|
| 1 | ҶДММ «Анко Тоҷ» | 020030185 | И. Сомонӣ |
| 2 | ҶДММ «Дунёи тиҷорат» | 020032036 | И. Сомонӣ |
| 3 | ҶДММ «ДСД Интернейшл» | 020032036 | И. Сомонӣ |
| 4 | ҶДММ «Атлантикс Констракшн» | 020045479 | И. Сомонӣ |
| 5 | ҶДММ «Эйлиф 2013» | 040044805 | И. Сомонӣ |
| 6 | ҶДММ «Кайнак НТ» | 020031054 | И. Сомонӣ |
| 7 | ҶДММ «МОЗТ Томер» | 020043032 | И. Сомонӣ |
| 8 | ҶДММ «Тиллои Сафед-2013» | 020042725 | И. Сомонӣ |
| 9 | ҶДММ «Меркод» | 020037961 | И. Сомонӣ |
| 10 | ҶДММ «АЗЗ Муҳофиз» | 020038749 | И. Сомонӣ |
| 11 | ҶДММ «Гейт Амир» | 020038733 | И. Сомонӣ |
| 12 | ҶДММ «Голем Тоҷикистон» | 020037961 | И. Сомонӣ |
| 13 | ҶДММ «Диёрсӯз» | 020029614 | И. Сомонӣ |
| 14 | ҶДММ «Автомобили Ккришна» | 020035270 | И. Сомонӣ |
| 15 | ҶДММ «Ситораи Сурх» | 020032015 | И. Сомонӣ |
| 16 | ҶДММ «Ҳасиб Таеб» | 020032700 | И. Сомонӣ |
| 17 | ҶДММ «Тиҷорат ва Туристи Обид Салим» | 020038263 | И. Сомонӣ |
| 18 | ҶДММ «Карделон» | 010085322 | Шоҳмансур |
| 19 | ҶДММ «Супер Шер Аҳмад Зай» | 010086183 | Шоҳмансур |
| 20 | ҶДММ «Нури Хуросон» | 010083466 | Шоҳмансур |
| 21 | НФШ «Али Соҳил Камолпури» | 010085834 | Шоҳмансур |
| 22 | НФШ «Ақоби Сафеди Баҳор ЛТД» | 010090267 | Шоҳмансур |
| 23 | ҶДММ «Юнитед Содот Транспортеейшон Компани» | 010090795 | Шоҳмансур |
| 24 | ҶДММ «Ҷовид Ориё» | 010089441 | Шоҳмансур |
| 25 | ҶДММ «Жун Хао» | 010084847 | Шоҳмансур |
| 26 | ҶДММ «Чуан Шиди» | 010022926 | Шоҳмансур |
| 27 | ҶДММ «НБМТББ Ошиқ Муҳаммад» | 030016650 | Фирдавсӣ |
| 28 | ҶДММ «Нуриддин Нуроллоҳ» | 030019105 | Фирдавсӣ |
| 29 | ҶДММ «Мусофиркашу Борбари Азимӣ» | 010026113 | Фирдавсӣ |
| 30 | ҶДММ «Ҳолид Юсуфӣ» | 010089205 | Фирдавсӣ |
| 31 | ҶДММ «Вали Ҳутак» | 040050676 | Сино |
| 32 | ҶДММ «Измир» | 040031414 | Сино |
| 33 | ҶДММ «Памук» | 040033102 | Сино |

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 "Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо" Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ МУСТАҲКАМШАВИИ СОТСИАЛИЗМ

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Афзоиши аз ҳад зиёди ҳаҷми хароҷоти буҷет барои мудофиаи кишвар ва дар айни замон пастравии назаррас воридот аз гардиш ва гузаронидани маблағҳо аз фоида дар ташаккули қисми даромади буҷет шиддати зиёдеро ба миён овард. Камомади (касрати) буҷет соли 1942 ба 10,3 %, соли 1943 ба 3,5 %, расид. Вале соли 1944 тавозуни (баланси) байни даромадҳо ва хароҷоти буҷет таъмин гардид ва афзоиши даромадҳо нисбат ба хароҷот ба назар мерасид.

Ба эҳтиёҷоти мудофиа равона кардани қисми асосии маблағҳои буҷет ба коҳиши хароҷот барои хоҷагии халқ ва чорабиниҳои иҷтимоиву маданӣ сабаб мегардид. Агар то солҳои ҷанг ин хароҷоти буҷет ба 1/3 ҳаҷми он баробар бошанд, солҳои ҷанг кам шуда ба 1/4 расиданд. Вале тавсеаи миқёси маблағгузории корҳои барқарорсозии минтақаҳои аз душман озодшуда боиси афзудани ҳаҷму ҳиссаи хароҷоти буҷет ба хоҷагии халқ гардиданд. Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ дар минтақаҳои аз душман озодгардида ва дар дигар минтақаҳо афзоиши тадриҷии воридот ба буҷетро таъмин намуданд. Аз 111,7 млрд рубли даромадҳои буҷет дар тӯли панҷ сол (1941 -- 1945) онҳо 84,7 млрд рубл ва ё 75 % даромади буҷетро ташкил медоданд. Ин далел бо он тасдиқ мегардад, ки ҳатто дар солҳои ҷанг, дар вазъияти басе мушкил буҷети давлатӣ заминаи мустаҳками худро нигоҳ медошт.

Пас аз Ҷанги бузурги ватанӣ вазифаҳои хоҷагиву ташкилӣ ва маданиву маърифатӣ аз нав ба мадди аввал гузошта шуданд. Вазифаҳои барқарорсозӣ ва пешбурди хоҷагии халқ, ки дар Панҷсолаи чорум (1946 -- 1950) пеш гузошта шуда буданд, нисбат ба низоми молия ва буҷети давлатӣ талаботи бештаре пеш гузошта буданд. Мебоист, ки барои иҷрои вазифаҳо ҳаҷми хароҷот афзоиш ёбад, баъзе манбаъҳои даромади буҷет, аз ҷумла, андози ҳарбӣ ва ғайра барҳам дода шаванд.

Чораҳо оид ба мустаҳкам намудани заминаи даромади буҷети давлатии ИҶШС дар ин давра дар робитаи зич бо ислоҳоти пул (1947), ислоҳоти нархҳои яклухт (1949), гузаронидани ИМТ ба хоҷагидории худтаъминкунӣ (хозрасчет), кам кардани кӯмакхарҷӣ (дотатсия) аз буҷет барои баъзе соҳаҳои хоҷагии халқ ва ғайра амалӣ мегардид.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## ПИЁЗИ СУРХ
### душмани саратон



Олимон дар натиҷаи пажӯҳиш намуди ягонаи сабзавоти мустаҳкамсозии рагҳои хунгузар будани пиёзи сурхи одиро муайян карданд.

Агар одамон ҳар рӯз пиёз истеъмол намоянд, миқдори холестирини хун кам, системаи масуният (иммунитет) хуб, мубодилаи моддаҳо (метаболизм) фаъол, ҷавоншавии пӯст оғоз мегардад. Антосианҳои таркиби пиёз ба танҳо ба он ранги сурх медиҳанд, инчунин, деворaҳои рагҳои хунгузарро мустаҳкам менамоянд. Агар шахс дар давоми ду – се моҳ ҳар рӯз пиёзи сурх истеъмол намояд, дараҷаи холестирини хунаш 20 фоиз кам мешавад.

Пиёзи сурх аз витаминҳои A, B, C ва PP бой аст. Онҳо ҳазми хӯрокро дар меъда хуб менамоянд. Ба лоғаршавӣ ёрӣ мерасонанд. Олимон таъкид мекунанд, ки кверсетини таркиби пиёзи сурх ба маҳв намудани бофтаҳои бемории саратон қодир аст.

## Заъфарон - қуввати дил



Чойи заъфаронӣ дар тибби халқӣ ба одамони дилашон заиф ва тангнафас тавсия шудааст. Дар бораи заъфарон андешаи Абӯалӣ Сино чунин аст. «Маҳлулкунанда аст. Гармияш мӯътадил буда, гиреҳҳоро мекушояд. Давои пӯсиш шуда узвҳои даруниро тақвият мебахшад. Нӯшидани заъфарон рангро зебо, чашмонро равшан, дилро қавӣ узвҳои нафасро бақувват менамояд».

Ба чойники нимлитра ним қошуқча заъфарон, 1 қошуқча чойи навъи олии сабз ё сиёҳ рехта, ба рӯяш оби ҷӯшонидашуда илова намоед. Ба сачоқ печонда, 4-5 дақиқа дам мехӯронанд, дар ин ҳолат он шираи хуб медиҳад. Чойро кам- кам, рӯзе 3 маротиба нӯшед.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Таърифу танқиди мардум ба қалб зарар дорад.

xxx

Меҳмон бо даҳ қисмат меояд, якеро мехӯраду нуҳтояшро мегузорад.

xxx

Инсон то озод набошад, хурсанд намешавад, вале озодӣ, танҳо озодии қалб аст.

xxx

Бузургақлон фикрҳоро, миёнаақлон ҳодисаҳоро ва заифақлон мардумро зикр мекунанд.

xxx

Инсон аз виҷдони худ чизеро пинҳон карда наметавонад.

xxx

Беҳтарин мерос дӯстии худро ба мерос гузоштан аст.

## ПАНДИ РӮЗГОР

- Аз модар пурсиданд?
- Аз фарзандонатон кадомашро бисёртар дӯст медоред?
- Модар ҷавоб дод:
- То калон нашавад, майдаяшро.
- То шифо наёбад, беморашро.
- То аз ғарибӣ наояд, ғарибашро.
- То ҷонам дар тан ҳаст, ҳамаашро...

## Пиряхи Федченко дар китоби «Рекордҳои замин»

Пиряхи Федченко — муъҷизаи беҳамтои табиати афсункори Тоҷикистон буда, дар нишебии шарқии қаторакӯҳи Академияи Улум дар Помир ҷойгир шудааст. Ин пирях аз пайванди қаторакӯҳи Академияи Улум бо силсилакӯҳи Язғулом дар мавзеи қуллаи Инқилоб (6974 м.) маскан гирифтааст. Минтақаи ғизогирии пирях дар баландиҳои 6200 то 6300 м., вале забонаи он дар водии дарёи Селдара (шохоби Муксу) то баландии 2909 м. паст фуромадааст.

Пиряхи Федченко на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон калонтарин пиряхи водигию кӯҳӣ ба шумор рафта, дар китоби „Рекордҳои замин” дохил шудааст. Дарозии ин пирях 77 км., масоҳаташ 650 км², ғафсиаш 700-1000 метр буда, паҳнояш то ба 3-5 км². мерасад (ба ҳисоби миёна 1800 м.). Ҳаҷми умумияш ба 93,8 км³ баробар буда, дар он қариб 100 км³ об захира шудааст. Пиряхи Федченко қариб 50 шохоб дорад, калонтарини онҳо Бивачий, Наливкин, Витовский, Ҷамъияти географӣ буда, дар баландии 2900 то 7480 м. аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд. Пиряхи мазкурро соли 1876 сайёҳи рус В. Ф. Ошанин кашф намуда, онро ба хотири дӯсташ А. П. Федченко, яке аз нахустин муҳаққиқони Осиёи Миёна номгузорӣ намуда буд.

## ОЁ МЕДОНЕД?

Хонум Чха Ча Сун аз Кореяи Ҷанубӣ дар синни 69 - солагӣ орзуи ба даст овардани шаҳодатномаи ронандагиро карда, дар 74 - солагӣ ба орзуяш расид. Аммо, барои ба ин мақсад расидан, ӯ 950 маротиба имтиҳон супурда, 10 бори дигар назди масъулон мошин ронд, то аз санҷиш гузарад. Ширкати «Hyundai» ин ронандаи калонсолро барои талошҳои пайвастааш бо мошини истеҳсоли ширкат сарфароз гардонд.

## Қаторае, ки бо об ҳаракат мекунад



Олмон қатораи мусофиркашеро сохта истодааст, ки бо об ҳаракат мекунад. Тибқи маълумот он дар 1 соат метавонад то 140 километр роҳро тай намояд. Қатораи мазкур аз ҷониби ширкати мошинсозии “Alstom” омода шудааст. Ширкат, эълон намудааст, ки то соли 2021 дар Олмон 14 - то чунин қатора ба роҳ хоҳад баромад.

Воқеан, барои пиёда намудани ин мақсад, беш аз 81,3 миллион евро ҷудо гардидааст.

Боҷу Хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Маҳсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 70 914**